آوازتاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

6 апрели соли 2022
Чоршанбе
№ 27 (14832)



сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


## САМАРАБАХШИИ ИСЛОҲОТ ДАР СОҲАИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚ ТАҲЛИЛ КАРДА ШУД

### Зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев 5 апрел ҷамъомади видеоселекторӣ доир ба таҳлили самарабахшииислоҳот дар соҳаи маорифи халқ баргузор гардид.

Рушди сармояи инсонӣ яке аз ҳафт бартарияти Стратегияи рушди Ўзбекистон ба шумор меравад. Дар ҷамъомаде, ки 28 январи соли ҷорӣ баргузор шуд, масъалаҳои соҳаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифта, вазифаҳои зиёде муайян карда шуданд.

Дар ду моҳи охир шахсони масъул ба тамоми минтақаҳо рафта, дар ҷояш мушкилотро омӯхтанд. Маълум карда шуд, ки дар 852 мактаби мамлакат нишондодҳои сифати таълим, потенсиали муаллимон ва дохил гардидани хатмкунандагон ба муассисаҳои олии таълимӣ хеле паст аст.

Услубҳои пешқадам дар мактабҳои Президентӣ, махсус ва хусусӣ татбиқ гаштаанд. Аммо мушкилоти калонтарини дигар мактабҳо дар он аст, ки услуби дарс кӯҳна гаштааст. Дар бобати дар онҳо татбиқ намудани услуби замонавии таълим низ ташаббусҳо вуҷуд надоранд.

Сарфи назар аз ҷудо гардидани маблағ барои муҷаҳҳаз намудани мактабҳо бо компутер кор дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Андиҷон, Ҷиззах, Қашқадарё, Намангон ва Тошканд хеле суст пеш меравад. Сифати таълим дар мактабҳои ноҳияҳои дурдаст ғайриқаноатбахш аст.

Тавре ки маълум аст, дар аввали сол шӯроҳо дар бобати ислоҳоти таълими мактабӣ ташкил гардида буданд. Раисони шӯроҳо дар маҳалҳо ҳокимони вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо ба шумор мераванд. Аз ин рӯ ҳокимони минтақаҳо барои дараҷаи пасти таълим огоҳонида шуданд.

– Агар роҳбарон, муаллимон дар рӯҳи Ўзбекистони Нав амал намоянд, мо метавонем фарзандонамонро бинобар талаботи замон тарбия намоем. Халқамон ба мо аз ҳама гаронтарин – фарзандонро бовар мекунанд. Ин масъулияти хеле бузург аст. Агар мо мактабро бо дарки ин ислоҳ намоем, барои оянда таҳкурсӣ ба вуҷуд меорем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Роҳбари давлат дар бораи роҳандозии лоиҳаи умумимиллӣ дар бобати бозомӯзии муаллимони мактабҳо дар асоси услубҳои нав эълон намуд.

Бинобар ин низоми нав дар се-чор соли наздик муаллимони тамоми мактабҳо дар асоси услуби нав таълим хоҳанд гирифт. Бо ин мақсад дар пойгоҳи марказҳои бозомӯзии ҳар як минтақа Марказҳои миллии таълимӣ барои таҳсили муаллимон бинобар услубҳои нав ба вуҷуд оварда мешаванд. Ба онҳо баландмалакатарин мутахассисони хориҷӣ дар соҳаҳои илмҳои дақиқ ва табиӣ ҷалб карда мешаванд.

Дар ҳар як минтақа «гурӯҳи мураббиён» барои такмили ихтисоси муаллимони мактабҳо дар маҳалҳо ташаккул дода мешаванд. Ба онҳо барилова ба музди меҳнаташон ба миқдори сад фоиз иловапулӣ пардохта мешавад.

То охири сол ҳокимиятҳо якҷоя бо Вазорати маорифи халқ ба татбиқи услубҳои пешқадам дар на камтар аз 20 фоизи мактабҳои ҳар як ноҳия ва шаҳр шурӯъ хоҳанд кард. Барои татбиқи ин низоми нав барилова 100 миллион доллар ҷудо карда мешавад.

Инчунин Институти ба номи Абдулло Авлонӣ ба Маркази миллии ҷумҳурии таълим табдил дода шуда, ба низоми ягона бо Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд муттаҳид карда мешавад.

Умуман низоми таълим бинобар услубҳои нав аз Маркази миллии таълим ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд оғоз меёбад. Донишгоҳ ба ихтиёри Вазорати маорифи халқ мегузарад ва дар бобати омодагӣ ва бозомӯзии муаллимони мактаб дар мамлакат муассисаи пойгоҳӣ хоҳад гардид.

Донишкадаҳои омӯзгорие, ки дар минтақаҳо фаъолият доранд, тадриҷан аз донишгоҳҳо ҷудо карда шуда, ба муассисаҳои мустақили таълимӣ табдил дода мешаванд.

Дар ҷамъомад ба тарбияи ҷавонон эътибори алоҳида нигаронда шуд. Вазифаи таҳияи консепсияи нави куллан беҳсозии фазои маънавӣ дар мактабҳо гузошта шуд.

Ба ногузирии таҷдиди назари талабот нисбат ба тарғиботчиёни маънавият дар мактабҳо, ба ин вазифаҳо таъин намудани шахсони бонуфуз дар маҳалла ва ҷамоа, рағбатноксозии хонандагон ва падару модарони намунавӣ таъкид гардид.

Ҳоло 120 мактаби мамлакат бинобар коэффисиенти сеюм ва чорум кор мебарад. Яъне миқдори хонандагонаш аз ғунҷоишаш зиёд аст. Президент дар бобати беҳсозии шароити чунин мактабҳо супоришҳо дод.

Таъкид шуд, ки то аввали соли хониши оянда 960 мактаб бо синфҳои компутерӣ таъмин гардида, 740 мактаб дубора таъмин мегардад.

Дар бобати навсозии беш аз 5 ҳазор синфи компутерӣ таҳияи қабули барномаи алоҳида ба нақша гирифта шудааст. Барои ин аз буҷети ҷумҳурӣ 200 миллиард сўм, аз буҷетҳои маҳаллӣ боз 200 миллиард сўм маблағ ҷудо мегардад.

Дар назди Вазорати рушди технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсия вазифаи кушодани тарифҳои махсуси имтиёзнок барои мактабҳо, афзудани суръати интернет дар мактабҳо сонияие то 100 мегабит вобаста ба миқдори хонандагон вазифа гузошта шуд.

Таълим ва вазъият дар мактаб аз бисёр ҷиҳат аз директорон вобаста аст. Аз ин рў аз соли нави хониш зарур аст, ки низоми сертификатсияи директорони мактабҳо ҷорӣ карда шавад. Минбаъд номзадҳо ба вазифаи директорӣ аз тариқи ин низом интихоб карда мешаванд.

Роҳбари давлат ногузирии рушди тадриси фанҳои табиӣ ва дақиқро таъкид кард. Дар пойгоҳи 193 муассисаи таълимӣ ташкил намудани мактабҳо бо тамоили фанҳои табиӣ ва дақиқ ба нақша гирифта шудааст. Ба ҳокимон дар бобати таъмири ин мактабҳо ва ба вуҷуд овардани тамоми шароит супоришҳо дода шуд.

Дар ҷамъомад вазирон ва ҳокимон, директорони мактабҳо фикр ва пешниҳодоти худро баён намуданд.

**ЎзА.**

## ПРЕЗИДЕНТҲОИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ РЎЗНОМАИ ДУҶОНИБА ВА МИНТАҚАВИРО БАРРАСӢ КАРДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 5 апрел бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев мулоқоти телефонӣ анҷом дод.***

Сарони давлатҳо ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон якдигарро самимона муборакбод гуфта, ба халқҳои бародари Ўзбекистон ва Қазоқистон беҳбудӣ ва шукуфоӣ тамаино намуданд.

Масъалаҳои татбиқи амалии созишномаҳои дар сатҳи олӣ ҳосилшуда баррасӣ гардиданд.

Ба афзоиши ҳаҷми тиҷорати мутақобила, пешбурди лоиҳаҳои муштараки ҳамкориҳои саноатӣ, идома додани табодули фаъол дар чаҳорчӯби барномаи фарҳангиву инсонпарварӣ таваҷҷуҳи хоса дода шуд.

Ҳамчунин бинобар ҷанбаҳои мубрами ҳамкориҳои минтақавӣ, аз он ҷумла омодагӣ ва баргузории ҳамоиши СҲШ дар Ўзбекистон моҳи сентябри соли ҷорӣ табодули афкор сурат гирифт.

Суҳбати президентҳои ду кишвар дар фазои анъанавии корӣ ва дўстона гузашт.

**ЎзА.**

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БО САРВАРИ ҲУКУМАТИ ПОКИСТОН СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ АНҶОМ ДОД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 5 апрел бо иҷрокунандаи вазифаи Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Имрон Хон мулоқоти телефонӣ анҷом дод.***

Сарони давлатҳо ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон якдигарро самимона табрик гуфта, ба халқҳои дўсти ду кишвари ҷаҳон саодатмандӣ ва пешрафти минбаъда таманно намуданд.

Рафти иҷрои «харитаи роҳ»-и муштарак, ки бинобар натиҷаи сафари давлатии сатҳи баланд ба Покистон 3-4 марти соли равон қабул шуда буд, баррасӣ гардид. Муҳимияти татбиқи саривақтии лоиҳа ва барномаҳои ҳамкории гуногунҷанба, пеш аз ҳама дар соҳаҳои савдо, саноат, кишоварзӣ, дорусозӣ, сайёҳӣ, фарҳанг ва дигари афзалиятнок таъкид гардид.

Инчунин оид ба масъалаҳои ҳамкории минтақавӣ табодули афкор сурат гирифт.

Дар анҷоми суҳбат роҳбари Ўзбекистон ба роҳбари Ҳукумат ва мардуми Покистон бомуваффақият баргузор кардани рўйдоди муҳими сиёсии дарпешистода – интихоботи парлумонӣ дар кишварро таманно намуд.

**ЎзА.**

*КОРШИНОСОНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ:*

## НАТИҶАҲОИ САФАРИ РАСМИИ ПРЕЗИДЕНТИ ТУРКИЯ БА ЎЗБЕКИСТОН ИШОРАИ МУСБАТ БАРОИ СОҲИБКОРОН ОИД БА МИНБАЪД ФАЪОЛ КАРДАНИ ҲАМКОРИҲО БО ЎЗБЕКИСТОН

***Натиҷаҳои сафари Президенти Туркия Реҷеп Таййип Эрдоғанро ба Ўзбекистон намояндагони ҷомеаи васеи байналмилалӣ, аз ҷумла доираҳои коршиносӣ ва таҳлилӣ бо таваҷҷуҳи зиёд меомўзанд.***

**Далия АЛТУНТЕПЕ, раиси Ҷамъияти дўстии Ўзбекистону Нидерландия:**

– Рафти сафарро бо мароқи калон мушоҳида кардам. Чун анъана, он ниҳоят пурмазмун буд. Барнома, ки ҳам мулоқотҳои расмӣ ва ҳам чорабиниҳои фарҳангиро дар бар гирифт, боварӣ дорам, ки дар меҳмонон таассуроти фаромўшнашаванда гузоштанд.

Дар бораи боздид сухан ронда, мехостам таваҷҷуҳро ба он ҷалб намоям, ки ин сафар ва умуман ҳамкориҳои Ўзбекистону Туркия дар миёни диаспораҳои бузурги туркҳои муқими кишварҳои Аврупо, бахусус Нидерландия ва Олмон чӣ гуна баҳогузорӣ мешаванд.

Ба касе пўшида нест, ки Президент дар миёни туркҳои муқими Аврупо маҳбубияти зиёд дорад, ки онҳо сафарҳо ва изҳороти ўро аз наздик пайгирӣ мекунанд. Ҳамин тавр, бо итминони бузург гуфта метавонам, ки мулоқотҳои мунтазами сарони Ўзбекистону Туркия, таҳкими робитаҳои сиёсӣ, тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ барои тоҷирони на танҳо худи Туркия, балки Аврупо, ки ҳоло ба Ўзбекистон ба сифати яке аз кишвари иқтисодиёташ ҷиҳати сармоягузорӣ, ба роҳ мондани истеҳсолоти бародадан ба бозорҳои кишварҳои ҳамсоя ва минтақаҳо нигоҳ мекунанд, ишораи мусбат аст.

Ман ҳамчун намояндаи соҳаи сайёҳӣ таъкид менамоям, ки Президент Эрдоған ба Хиваи кӯҳан ташриф овард, ба вай нишон доданд, ки фарҳанг, санъати ўзбек ва мероси таърихии Ўзбекистон то чӣ андоза ҷолиб, қадимӣ ва гуногунҷабҳа мебошанд.

Гуфтан мумкин аст, ки бо ин роҳ ҷониби Ўзбекистон иқтидори бузурги сайёҳии худро хеле нафис ва моҳирона таблиғ мекунад, Туркия бошад, метавонад дар ин замина ҳамаҷониба ба қудратҳои сайёҳӣ, ки бешубҳа Ўзбекистон ва Туркия ҳастанд, кумак расонад. Вақти боз кардани болҳои худ расидааст.

**Алмаз АБИЛДАЕВ, сиёсатшинос, директори “Маркази ҷанбаҳои энергетикӣ»-и Қазоқистон:**

— Ба шарофати ҳамкориҳои ду кишвари бародар дар Ўзбекистон стратегияи амнияти миллии энергетикӣ мунтазам ва бомуваффақият амалӣ карда мешавад. Ифтитоҳи неругоҳи нави ҳароратӣ дар ноҳияи Қибрайи вилояти Тошканд бо иқтидори 20 мегаватт, ки дар чаҳорчўби сафари расмӣ аз ҷониби ширкати туркии Cengiz Enerji сохта шудааст, гувоҳи ин аст.

Таваҷҷуҳи сарвари Ўзбекистон ба татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи энергетика, ки имкони ба кор андохтани иқтидори мавҷудаи ҳамкориро фароҳам меорад, ба рушди иқтисодӣ ва таъминоти иҷтимоии аҳолӣ минбаъд низ хидмат хоҳад кард.


**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨


## ҚАЛЪАҲОВУ ЗИЁРАТГОҲҲО САЛОҲИЯТИ ТУРИЗМРО МЕАФЗОЯНД

### 1. Аёзқалъа – садди мустаҳкам дар муқобили душман

Мо сафари матбуотии худро дар минтақаҳои мухталифи Қароқалпоқистон идома медиҳем. Ёдовар мешавем, ки ин сафари мо аз тарафи Вазорати туризм ва мероси фарҳангии ҷумҳурӣ роҳандозӣ гардидааст ва зимни он аз қалъаҳову зиёратгоҳҳои зиёд боздид кардем. Баъди ширкат дар тантанаҳои наврўзӣ ба Аёзқалъа омадем, ки бино ба маълумоти таърихнигорон ба асрҳои IV-III пеш аз солшумории милодӣ тааллуқ дорад. Он яке аз ёдгориҳои қадима дар қаламрави имрўзаи Қароқалпоқистон маҳсуб меёбад. Ин қалъа дар баландии сад метр аз сатҳи ҳамвории атрофи он воқеъ гаштааст.

Бо вуҷуди ҷиддан газанд ёфтани шаҳраки Аёз Қалъа-1 ё Қалъаи бод аз боду борон мавҷи сайёҳони дохиливу хориҷӣ ҳаргиз канда нашудааст. Ин қалъа, воқеъ дар канори биёбони Қизилқум дар муқобили ҳамлаи бодиянишинон бошандагони худро аз душман дифоъ кардааст. Он шакли росткунҷаро гирифта, деворҳои баланди Бодқалъа аз хишти хом сохта шудааст.

Ҳар як сайёҳ ба осонӣ дида метавонад, ки ҳар ҷоҳар ҷойи девори атрофи он сўрох аст ва камонварон ба осонӣ метавонанд ин сўрохиҳоро барои муқовимат бо душман истифода баранд. Дарвозаи қалъа дар девори қисмати ҷанубии он воқеъ гаштааст. Мегўянд, ки дар дарвозаи шимолии қалъа ба забони хоразми бостонӣ, ба хатти арамей се катиба мавҷуд буда, дар болои он муҳри устои сохтмон гузошта шудааст.

Тибқи ривоятҳое, ки то ин замон боқӣ мондаанд, дар замонҳои қадим яке аз подшоҳони Хоразм тасмим гирифтааст, ки дар сарҳади давлатӣ бар зидди ҳамлаи душманони хориҷӣ қалъаи бузурге созад. Вай ба зердастон гуфтааст: «Ҳар кӣ қалъаи бузурге созад, ки аз воридшавии душман моро ҳимоя карда тавонад, ба вай духтари зебои худро медиҳам». Аёз ном чўпоне, ки дар ин диёр зиндагӣ мекардааст, ин масъулиятро ба дўш гирифтааст. Баъд вай ба сохтани қалъа шурўъ кардааст. Маълум нест, ки барои сохтани қалъа чӣ қадар вақт сарф шудааст. Аммо подшоҳ ба ваъдааш вафо накарда, духтарашро ба марди дигар додааст. Барои ҳамин сохтмони қалъа ба охир нарасидааст.

Тахмин мезананд, ки шаҳраки Қалъаи Аёз-2 тақрибан дар охири асри VII ва ибтидои асри VIII милодӣ, дар замони ҳукмронии сулолаи Афригид арзи вуҷуд кардааст. Қалъа дорои сохтори мураккаб мебошад. Даҳлези нишебие, ки ба поён мебарад, дарвозаи қалъаро бо манораи бузурги боҳашамати теппа васл намудааст. Он дар асрҳои миёна зеботарин қалъаи Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафтааст. Қалъа толорҳои калони дорои сутун, курсиҳои зебо, майдони маросимҳо, расмҳои деворӣ ва маъбади оташпарастӣ доштааст. Дар ин ҷо тангаҳои сулолаи Афригиди шоҳони Хоразмӣ, махсусан шоҳ Бравик, ёфт шудаанд. Қалъа тақрибан дар асри чоруми милодӣ сохта шудааст ва баъдтар дар натиҷаи ду сўхтори пайдарпай тамоман харобу фартут гардидааст.

Шаҳраки Аёзқалъа-3 (асрҳои IV-III пеш аз милод) як иншооти азими мустаҳкаме будааст, ки дар шакли параллелограмм сохта шуда, аз паҳлуҳо бо девори дуошёна ва манораҳои зиёд иҳота шудааст. Манораҳо шакли росткунҷаро доштаанд. Даромадгоҳи қалъа дар мобайни тарафи ҷанубии он ҷойгир буда, дарвозааш бо девори каҷ ҳифз шудааст. Саҳни қалъа тамоман холӣ буда, танҳо дар назди баъзе деворҳо биноҳои хурдакак ҷойгир шудаанд. Дар кунҷи шимолу ғарбии қалъа бинои калони чандҳуҷрагӣ мавҷуд будааст.


**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨




*Ҳаҷми содироти солонаи корхонаи воқеъ дар ноҳияи Тўрақўрғони вилояти Наманган – «FT textile group», ки аз нахи пахта калоба истеҳсол менамояд, 25 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Дар корхонае, ки ба ивази 35 миллион доллар инвеститсия бунёд гардидааст, 270 нафар кор мекунанд.*
*Барои ходимони корхона шароити хуби корӣ фароҳам оварда шудааст.*
***Дар акс:** дар корхонаи мазкур.*

***Аксбардор: Ҳ.МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

## БОҒИ РАМЗИИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ БУНЁД МЕЁБАД

***Имрўз дар боғи «Янги Ўзбекистон»-и шаҳри Тошканд бо иштироки роҳбарони 16 конфессияи динӣ ва раисони марказҳои милливу фарҳангӣ бахшида ба татбиқи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» чорабинии тантанавӣ баргузор гардид.***

Чорабинии мазкур аз ҷониби Кумитаи муносибатҳои байни миллатҳо ва робитаҳои дўстӣ бо кишварҳои хориҷӣ, Кумитаи оид ба корҳои дин якҷоя бо ҳокимияти шаҳри Тошканд ташкил карда шуд. Дар он раисони марказҳои фарҳангии миллӣ, роҳбарони конфессияҳои динӣ ширкат варзиданд.

Ҳоло бинобар супориши сарвари давлат Шавкат Мирзиёев дар амал татбиқ намудани лоиҳаи умумимиллии “Макони сабз” дар тамоми ҳудуди мамлакат шинондани ниҳолҳои гуногуни дарахт ба амал бароварда мешавад. Ин лоиҳа моҳи ноябри соли гузашта оғоз шуда буд. Дар чаҳорчўби ин лоиҳа шинондани 200 миллион беҳ ниҳол пешбинӣ шуда, аз он соли гузашта дар фасли тирамоҳ 85 миллион беҳ ва боқимонда дар оғози фасли баҳор шинонда шудааст. Он барои аз 8 фоиз то 30 фоиз зиёд кардани майдонҳои сабз пешбинӣ шудааст ва ба таъмини ҳуқуқи мардуми мо ба муҳити беҳтари экологӣ мусоидат мекунад. Лоиҳа хусусияти миллӣ дорад. Аз ин рў, дар татбиқи он тамоми намояндагони корхона ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ фаъолона иштирок мекунанд.

Роҳбарони дину мазҳаб низ доир ба ин чорабинӣ андешаҳои худро баён намуда, таъкид намуданд, ки Ўзбекистон дар ҳама давру замон сарзамини муқаддас буда, сарфи назар аз миллат, забон, дин ва эътиқод Ватани ягона барои ҳамаи мардуми мо мебошад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*КОРШИНОСОНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ:*

# НАТИҶАҲОИ САФАРИ РАСМИИ ПРЕЗИДЕНТИ ТУРКИЯ БА ЎЗБЕКИСТОН ИШОРАИ МУСБАТ БАРОИ СОҲИБКОРОН ОИД БА МИНБАЪД ФАЪОЛ КАРДАНИ ҲАМКОРИҲО БО ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар Ўзбекистон ба зарурати ҳалли вазифаҳо оид ба худтаъминкунии энергия ва амнияти энергетикӣ мафҳуми умумӣ мавҷуд аст. Бе ин арзишҳои асосӣ ҳар гуна модели рушди иҷтимоию иқтисодӣ барои рушди устувор асос надорад.

**Аҳмад ТОҲИР, сиёсатшинос, директори Маркази тадқиқоти сиёсӣ ва иттилоотии «Хивар» (Миср):**

– Муносибатҳои бародарӣ байни халқҳои Ўзбекистон ва Туркия решаҳои амиқ ва таърихи бой доранд. Аз соли 2016 дар муносибатҳои дуҷонибаи Ўзбекистону Туркия марҳилаи нав оғоз ёфт. Имрўз ҳамкорӣ хусусияти шарикии стратегӣ дорад.

Солҳои охир пойгоҳи қонунгузории ҳамкориҳои мутақобилан судманд ба таври назаррас тавсеа ёфт, ки ин имкон дод, равобити иқтисодии Туркия ва Ўзбекистон фаъолтар шавад.

Ба андешаи ман, ин нуқтаи асосист, зеро президентҳои Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Реҷеп Таййип Эрдоған маҳз ба ҷузъи иқтисодии сиёсати хориҷии худ аҳамияти хоса медиҳанд. 70 баробар афзудани нишондиҳандаҳои ҳамкориҳои сармоягузории кишварҳо низ гувоҳи ин аст.

Дар марҳалаи кунунӣ шарикии стратегӣ бар асоси тамоюлҳои эътимод ва эҳтироми мутақобила дар тамоми соҳаҳо инкишоф меёбад. Ҳарду кишвар имсол 30-юмин солгарди барқарории равобити дипломатӣ ва панҷумин солгарди таъсиси равобити шарикии стратегиро ҷашн мегиранд.

Мубодилаи сафарҳои расмӣ ва робитаҳои мунтазами раҳбарони ду кишвар ба таҳкими муколамаи созандаи сиёсӣ мусоидат намуда, барои шарикии судманди амалӣ имкониятҳои васеъ фароҳам овард.

Доираҳои коршиносон итминон доранд, ки аз ҷониби раҳбарони Ўзбекистон ва Туркия ба имзо расидани Эъломияи муштарак оиди ба сатҳи нав – шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ бардоштани муносибатҳои дуҷониба, инчунин як қатор ҳуҷҷатҳои нав дар соҳаҳои тиҷорат, сохтмон, энергетика, нигаҳдории тандурустӣ, адлия, мубодилаи гумрук ва дигар ҷанбаҳо имкониятҳои нав мекушоянд ва ба вусъати ҳамкории ҳаматарафаи ҳар ду мамлакат такон мебахшанд.

**Абдуғанӣ МАМАДАЗИМОВ, директори Ассотсиатсияи миллии сиёсатшиносони Тоҷикистон:**

– Тошканд роҳи бунёди Ўзбекистони Навро пеш гирифта, сиёсати фаъоли хориҷии худро пайваста пеш мебарад.

Президенти Ўзбекистон дар аввали баҳор бо боздиди расмӣ ба Покистон бо ҳадафи роҳандозии масири нави роҳи оҳан (Тирмиз-Мазори Шариф-Кобул-Пешовар) ба ҷануб ба самти бандарҳои уқёнуси Ҳинд ташриф овард. Ин лоиҳаи оянддадори инфрасохторию логистикӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки ба иртиботи баҳрӣ дастрасӣ надоранд, тавассути Осиёи Ҷанубӣ роҳи кўтоҳтаринро ба баҳр боз мекунад.

Ўзбекистон Форуми байналмилалии сармоягузории Тошкандро, ки ба туфайли пандемия аз соли 2020 мавқуф гузошта мешуд, бо муваффақият гузаронд, ки бинобар натиҷаи он шартнома, созишнома ва қарордодҳо ба маблағи беш аз 7,5 миллиард доллар ба имзо расиданд. Дар ин бузургтарин ҳамоиши сармоягузории минтақа беш аз 2000 намояндаи доираҳои соҳибкорӣ аз 56 кишвари ҷаҳон ширкат карданд, ки дар баробари ширкаткунандагони анъанавии фаъол аз Русия, Ғарб ва ниҳодҳои молии ҷаҳонӣ, арабҳо ва туркҳо низ ширкат доштанд.

Дарҳол пас аз ин форум бо ҳадафи таҳкими муваффақияти сохторҳои тиҷоратии Туркия Президенти Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған бо даъвати ҳамтои ўзбеки худ ба ин кишвар ташриф овард.

Дар чаҳор ин сафар маросими ба истифода додани маркази муосири гармидиҳӣ дар вилояти Тошканд ва лоиҳаи бунёди чунин неругоҳ дар вилояти Сирдарё аз ҷониби ширкати туркии “Cengiz Enerji” оғоз гардид. Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев зимни суханронӣ дар маросими ифтитоҳ изҳор дошт, ки танҳо дар як соли охир дар якҷоягӣ бо ширкатҳои туркӣ панҷ лоиҳаи бузурги энергетикӣ амалӣ карда шуданд, ки барои иқтисодиёти босуръат рушдёбандаи Ўзбекистон муҳиманд.

Ба ибораи дигар, агар сафари сарвари Ўзбекистон ба Покистон ба тавсеъаи имконоти байналмилалии роҳу логистикии ҷумҳурӣ ва минтақа нигаронида шуда бошад, пас сафари Президенти Туркия рамзи қадами муҳим дар таъмини иқтисодиёти миллии бо суръат ривоҷёбандаи мамлакат мебошад.

Раҳбарони ду кишвар дар мулоқоте, ки дар Тошканд баргузор шуд, қайд карданд, ки имсол, ки 30-юмин солгарди барқарории муносибатҳои дипломатӣ байни кишварҳо ва ҳамчунин 5-умин солгарди таъсиси муносибатҳои шарикии стратегӣ таҷлил мешавад, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шуд.

Дар натиҷаи ин музокирот, ки амалҳои муштараки гуногунҷанбаро дар бар гирифт, ҷонибҳо тасмим гирифтанд, ки муносибатҳои дуҷонибаро ба сатҳи нав – шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ бардоранд.

**АИ “Дунё”.**

# ҚАЛЪАҲОВУ ЗИЁРАТГОҲҲО САЛОҲИЯТИ ТУРИЗМРО МЕАФЗОЯНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ду долони ба ҳам печида биноро ба 4 бахш тақсим кардааст, ки ҳар кадом аз 10 ҳуҷра иборатанд. Гумон меравад, ки Қалъаи Аёз-3 дар замони империяи Кушониён ҳамчун гарнизон ё манзили ҳокимон ва паноҳгоҳи деҳқонони маҳаллӣ истифода шудааст. Қалъаи кўҳна ва Қалъа-1 барои шумораи ками сарбозон паноҳгоҳ махсуб ёфтааст ва танҳо ба сифати посгоҳ истифода шудааст. Дар атрофи деворҳои қалъа боқимондаҳои бисёре аз хонаҳои деҳқонон, майдонҳои кишоварзӣ, токпарварӣ ёфт шудаанд.



Дар шафати Аёзқалъа чандин хайма сохта шудаанд, ки ба соҳибкорони маҳаллӣ тааллуқ доранд. Бино ба гуфтаи яке аз ин соҳибкорзани маҳаллӣ сайёҳони зиёди хориҷӣ дар хаймаҳо чанд рўз, ҳатто баъзан чанд ҳафта будубош мекунанд. Ба ин васила онҳо дур аз шарру шўри нақлиёти шаҳрӣ, ҳавои рутубатомези он ва аз мулоқот бо одамони гуногун канора мегиранд ва ба таври ором истироҳат мекунанд.

– Мо шаҳрвандони Австрия ҳастем. Соли гузашта яке аз дўстони мо ба ин минтақаи ҷумҳурии шумо ташриф овард. Баъди бозгашт хурсанду шодмонии ўро дида, мо низ тасмим гирифтем, ки ба ҷойҳои васфнамудааш биёему бо чашмони сар бубинем. Ҳоло мо худ ошиқи шайдои ин дашти нопайдоканор, қалъаҳои атроф ва ҳавои тозаву беғубор шудаем, – мегўяд Франческо Рембрант.

Вай таъкид варзид, ки бори аввал шири уштурро нўшида, бо завҷааш худро хеле солиму бардам ҳис мекунанд.

### 2. Қалъаи хокии Қизилқум

Дар идомаи сафар мо аз Тупроққалъа боздид кардем, ки ба асрҳои I-VI милодӣ тааллуқ дорад ва дар якчандкилометрии ҷанубтари каторкўҳи Султон Увайс воқеъ гаштааст. Ин қалъа дар замонҳои хеле қадим, пеш аз ба сари ҳокимият омадани сулолаи Афригидҳо, ҳамчун қароргоҳи ҳокимони Хоразми қадим хидмат кардааст. Далели қалъаи хокӣ ном гирифтани он ба ҳамин маънист, ки қалъа дар теппагии хокӣ сохта шудааст.

Ин қалъа дар гузаштаи дур маскани мардуми оташпараст будааст. Сохтмони он низ шабеҳи қалъаҳои дигар мебошад. Қалъа барои зиндагӣ истифода шуда, он вазифаи истеҳкоми мустаҳкамро низ ба ҷо овардааст. Бостоншиносон аз боқимондаҳои ин қалъа шохи қўчқор, зарфҳои шишагин, порчаҳои муҷассамаҳои гаҷӣ, зебу зинати тиллокоришудаи занона ва маводи дигар ба даст овардаанд.

Қобил ба ёдоварист, ки дар толори “Ғалаба”-и ин қалъа маросимҳое барпо мешудаанд, ки султонҳои замон барои пирўзӣ соҳиби нишонҳои шарафнок қарор мешудаанд. Ин ҷо хидматкорону ҷанговарони сиёҳпўст низ ба хоҷаҳои худ эҳтиром намуда, хидмати онҳоро анҷом медодаанд.

### 3. Муриди хоси Хоҷа Аҳмади Яссавӣ

Яке аз зиёратгоҳҳои нодир дар ноҳияи Қўнғирот воқеъ гаштааст. Ин зиёратгоҳ мақбараи Сулаймон Боқирғонӣ буда, аз маркази ноҳия дар масофаи 32 километр воқеъ гаштааст. Дар солҳои касби истиқлол мақбара ва атрофи он куллан тармим гардидаву ба маҷмаъи бузурги сайёҳӣ табдил ёфтааст. Ҳоло он яке аз зиёратгоҳҳои серодами ин минтақа мебошад. Дар ин маҷмаъ масҷид, китобхонаи наву замонавӣ, таҳоратхона ва ҷойи шустушў низ бунёд ёфта, шўҳрати онро афзудааст.

Ба зиёратгоҳи “Сулаймон Боқирғонӣ” баъди пешин расида омадем. Маълум шуд, ки ҳанўз соли 2002 дар мамлакатамон 880-солагии санаи таваллуди Сулаймон Боқирғонӣ таҷлил шудааст. Ўро мардум бештар ба номи Ҳакимота ёд мекардаанд. Ҳарчанд дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ин пайрави тариқат тадқиқоти доманфарох бурда нашудааст ва маълумоти мукаммал зери даст мавҷуд нест, бо вуҷуди ин ривоятҳои зиёде дар байни мардум паҳн шудаанд, ки то андозае шахсияти ўро возеҳ нишон медиҳанд.

Агар ба манбаъҳо назар кунем, мебинем, ки Сулаймони Боқирғонӣ дар деҳаи Боқирғони ноҳияи Ҳазораспи вилояти Хоразм ба дунё омадааст, ки ин сана соли 1186 қайд шудааст. Вай дар баробари он ки ба ҳайси намояндаи бузурги тасаввуф ва шоир муаррифӣ шудааст, аз муридони ҳазрати Аҳмади Яссавӣ будааст ва бо иқтидори худу истеъдоди шоириаш таваҷҷуҳи ин пирро ҷалб кардааст.

Сулаймон Боқирғонӣ қоидаҳои мазҳаби устодашро амиқтар омўхтааст ва онро ба оммаи васеи мардум расонидааст. Дар маъхазҳои ҷудогона чунин омадааст, ки “Сулаймони Боқирғонӣ ба таври яссавиёна, яъне услуби одию равон эҷод кардааст”.

Вай аз тариқи навиштаҳои худ мансабдорони беинсоф ва беимон, онҳоеро, ки ба корҳои нопок даст мезананд, тамаъкорӣ, ҷоҳилӣ, нодонӣ ва истилогариву ғоратгарӣ мекунанд, ошкоро фош кардааст. Шеърҳои Сулаймон Боқирғонӣ дар маҷмўаи «Китоби Боқирғонӣ» интишор ёфтаанд. Ў ҳамчунин достонҳое аз қабили «Китоби Бибӣ-Марям» ва «Китоби охирзамон»-ро таълиф намудааст. Дар он таҷаммўъи фикрҳои Боқирғонӣ дар бораи тасаввуф возеҳ баён гардидааст.

Ногуфта намонад, ки Сулаймон Боқирғонӣ яке аз пешсафони назми мардуми турктабор мебошад. Шеърҳои ў дар байни тоторҳо, бошқирдҳо ва халқҳои дигари турктабор низ машҳуранд.

Дар асари “Хазинат-ул-асфиё”-и Мавлавӣ Ғуломсарвар Соҳиби Лоҳурӣ дар бораи Сулаймон Боқирғонӣ чунин қайдҳоро хондан мумкин аст: “Мавлид ва маскани вай Хоразм аст. Дар мавзеъе, ки онро Оққўрғон меноманд, сукунат дошт. Чун Аҳмади Яссавӣ вафот намуд, бар маснади аршад нишаст ва бист сол дар ин мақом қоим буд ва бар аршади толибони Ҳақ пардохт. Вафоти вай ба соли 1186 рост меояд ва мазори пуранвори ў дар Оққўрғон аст”.

Соҳиби Лоҳурӣ баъд ин байтҳоро ба ҳайси таърихи вафоти Боқирғонӣ овардааст:

*Чу пайваст ба*
*Аҳком-ул-ҳокимин,*
*Ҳакими ҷаҳон, аҳли ҳикмат*
*ҳаким.*
*Ба солаш бихон офтоби*
*замон –*
*Дигар ҳам бидон аҳли*
*ҳикмат Ҳаким.*

Ривоят меравад, ки Сулаймон Боқирғонӣ ба Қуръони карим арҷу эҳтироми хос мегузоштааст. Ҳангоми рафтан ба дарс ин китобро болои сараш бардошта мерафтааст. Инро Аҳмади Яссавӣ дидааст ва минбаъд ўро ба худ мурид пазируфтааст.

Дар асари “Ҷавоҳир-ул-аброр”-и Ҳазинӣ дар бораи Сулаймон Боқирғонӣ ин байтҳоро метавон хонд:

*Хотими асҳобаш он доно*
*Ҳаким,*
*Ёфт аз Занги ато қалби*
*салим.*
*З-ин Ҳакими кордон*
*Занги ато,*
*Шуд саводи аъзами*
*шаҳри бақо.*

Интизор меравад, ки ҳаёт ва фаъолияти Сулаймон Боқирғонӣ ба таври васеъ омўхта, осори ғановатманди ў ба оммаи васеъ тақдим хоҳад шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири “Овози тоҷик”.**

*НУҚУС – ЭЛЛИКҚАЛЪА – ҚЎНҒИРОТ.*

***Яке аз муҳимтарин вазифаҳои мо нигоҳ доштани бехатарӣ ва осоиштагии мардум мебошад. Ҳоло вазъи сиёсии баъзе мамлакатҳо моро водор месозад, ки ҳар рўзу ҳар лаҳза ҳушёриро аз даст надиҳем. Туфайли ин неъмати бузург рушди ҳамаҷонибаи мамлакат дастрас хоҳад шуд. Масъалаи сулҳу осоиши мамлакат қариб ки дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиву меъёрӣ, маърўзаҳои роҳбари давлат, аз ҷумла, Фармони Президент «Дар бораи стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» ба миён гузошта шудааст.***

# ЭЪТИМОД БА ҲАРБИЁН ЗИЁД МЕГАРДАД

Тавре ки маълум аст, истиқлолияти ҳар як мамлакат, осоиштагиву озодии ҳар шаҳрванд аз тарафи артиши милливу Қувваҳои мусаллаҳи кишвар ҳифз карда мешавад. Мамлакате, ки ба чунин масъалаи хеле муҳим эътибори ҷиддӣ медиҳад, истиқлолият ва осоиштагии мардумро ҳифз карда метавонад, нашъу намўъ мекунад.

Дар нишасти матбуотие, ки бо ҳамкории Вазорати Мудофиаи Ҷумҳурии Ўзбекистон баргузор шуд, Котиби матбуоти Вазорати мудофиа, полковник Отабек Йўлдошев гуфт, ки чандин даҳсолаҳост, ки доир ба таъмини устувори бехатарӣ ва мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии мамлакатамон ислоҳотҳои пайгирона ба амал татбиқ мегарданд. Яке аз мушкилоти ҷиддии соҳа масъалаи кадрҳо буд. Таҳти сарварии роҳбари давлат барои ҳаллу фасл намудани ин мушкилот роҳи пурра ислоҳ намудани соҳаи таълими ҳарбӣ пеш гирифта шуд.

Дар ҷамъомад оид ба саволе, ки оё дар ин соҳа иллатҳое мисли ришвахўрӣ, ки ба рушди мамлакат монеъ мешавад, вомехўранд ё на, ҷавобан гуфта шуд, ки ҳоло бар зидди коррупсия ходимони соҳа яз як гиребон сар баровардa, саъю кўшиш менамоянд, ки онро батамом решакан кунанд. Аз ҷумла, телефонҳои боварии вазорат шабу рўз дар хидмат аст.

Ба ҷуз ин, имтиҳоноти дохилшавӣ низ такмил дода шуд. Дар навбати аввал ҳуҷҷатҳои ҷавононе, ки хидматчии ҳарбӣ шудан мехоҳанд, пурра омўхта мешавад, баъд аз санҷидани омодагии ҷисмониву психологӣ, мутахассисон онҳоро аз назорати дақиқи тиббӣ мегузаронанд.

Ҳарбиён рўзҳои истироҳаташонро низ бо мутолиаи китоб ё машғулотҳои варзишӣ мегузаронанд, ки барои онҳо аз фоида холӣ нест.

— Полигонҳое, ки дар ҳудуди округҳои ҳарбӣ ба истифода супурда шудаанд, ҷавобгўйи андозаҳои байналхалқӣ мебошанд, – гуфта шуд дар анҷумани матбуотӣ. – Ба ҷуз иштирок дар чорабиниҳои бонуфуз, ҳарбиён бо корҳои рўзмарраи худ машғул мешаванд. Самараи чунин машғулотҳост, ки сержантҳои хурди Вазорати Мудофиаи Ўзбекистон Абдурасул Туйғунов ва Абдумалик Абдураҳмонов дар мусобиқаи «Ҷанговари пешқадам – 2022», ки дар пойгоҳи хониши ҳарбии «Camp Shelby» дар штати Миссисипии ШМА баргузор шуд, бомуваффақият иштирок намуда, нафақат ғолибиятро ба даст дароварданд, балки аз рўйи 3 самти он рекорд гузоштанд.

Аз дастовардҳои мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки тақдири Ватани азиз ва шаҳрвандони он имрўз дар дасти ҳарбиёни далеру шуҷоъ аст.

**Н. НОДИРОВА, хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Фикри депутат*

# ҚАДАМҲОИ ДАЛЕРОНА БА СЎЙИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ

***Солҳои охир динамикаи рушди иқтисодии Ўзбекистон барқарор гардид. Тамоюли мазкур ба дараҷаи зиндагонии мардум таъсири мусбат мерасонад. Аз тарафи дигар ин ду омил сабаби мунтазам зиёд гардидани истеъмоли энергияи электр мегардад. Назар ба маълумотҳо, то соли 2030 дар мамлакат соле талаб ба истеъмоли неруи барқ тақрибан ба 6-7 фоиз афзоиш меёбад. Агар чораҳои зарурӣ андешида нашавад, мушкилоти норасоии неруи барқ дар оянда садди тараққиёт мешавад. Барои ин бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев бо ҳамкорони байналхалқӣ дар мамлакатамон ба сохтмони неругоҳҳои муқобил ва анъанавии энергетикӣ эътибори зиёд дода мешавад.***

Чорабиние, ки бахшида ба оғози сохтмони неругоҳи нави барқии ҳароратӣ дар ноҳияи Ангори вилояти Сурхондарё дар доираи форуми байналхалқии сармоягузории Тошканд баргузор шуд, бовариамонро ба фардои мамлакат боз ҳам мустаҳкам гардонд. Арзиши умумии лоиҳаи мазкур 1 млрд. 200 млн. доллар буда, дар натиҷа 1560 мегаватт неруи барқ тавлид шуда, 12 млрд. киловатт-соат неруи барқ истеҳсол мешавад.

Дар доираи лоиҳа технологияҳои замонавӣ насб гардида, соле 1 млрд. метри мураббаъ газии табиӣ сарфа карда мешавад. Неруи барқи ҳароратии Сурхондарё маҷмўаи бузургтарин ба шумор меравад, ки солҳои охир дар мамлакатамон бунёд мешавад. Маҷмўъ барои намоён кардани салоҳияти иқтисодии мамлакат имкониятҳои зиёдро фароҳам меоварад. Масалан, дар ҳудуди Сурхондарё нафт, газ, ангишт, маъданҳои рангаву қиматбаҳо, намудҳои зиёди сангҳои ороишӣ барин зиёда аз 100 хел маъданҳо мавҷуд бошанд ҳам, ҳоло ҳамаи онҳо азхуд карда нашудааст. Аз ин сабаб, дар 5 соли оянда дар вилоят ба амал татбиқ намудани беш аз 5 ҳазор лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки 7 миллиард доллар арзиш дорад, ба назар гирифта шудааст. Бинобар ин, энергияи электрӣ, ки дар стансияи мазкур истеҳсол мешавад, 500 ҳазор манзили сурхониёнро фурўзон мегардонад. Ба ҷуз ин, имкони содир намудани соле 3 млрд. киловатт-соат энергияи электрӣ ба Афғонистони ҳамсоя пайдо мешавад. Лоиҳа аз тарафи корхонаҳои «Siemens Energy»-и Олмон, «IDEF»-и Фаронса, «Stone City Energy»-и Ҳулланд дар асоси шарикии давлативу хусусӣ ба амал татбиқ мегардад. Бори аввал дар истеҳсоли электр ба иштироки секторҳои хусусӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда мешавад. Дар 3 соли охир 5 неругоҳи барқӣ, ки қувваи умумии он беш аз 1 ҳазор мегаватт аст, дар асоси шарикии давлативу хусусӣ ба кор сар кард. Ҳаҷми инвеститсияҳои хориҷии ҷалбгардида аз 1 млрд. доллар гузашт. Ҳоло дар мамлакатамон боз 19-то неругоҳи барқӣ, ки қувваи он 9 ҳазор мегаваттро ташкил медиҳад, бунёд мегарданд. Арзиши умумии онҳо беш аз 10 млрд. доллар мебошад.

Дар Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав низ доир ба нақшаҳои энергетикаи мамлакатамон сухан меравад. Ўзбекистон фақат бо неругоҳҳои гармӣ маҳдуд намешавад. Пешбинӣ шудааст, ки то соли 2026 қуввати умумии неругоҳҳои барқии шамолӣ ва офтобии Ўзбекистон ба 8000 МВт расад. Тавре ки дар маълумоти Вазорати энергетика қайд шудааст, барномаи васеъ гардондан ва дастгирӣ намудани истифодаи манбаъҳое, ки азнав бунёд мешаванд, коркард мешавад.

Аз рўйи барнома 8 неругоҳи бодӣ, ки иқтидори умумии он 4 ҳазор МВт аст, бунёд мегарданд. Аз ҷумла, дар солҳои 2023-2024 дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳои Бухорову Навоӣ 4-то неругоҳ, ки иқтидори умумии он 1600 МВт аст, солҳои 2025-2026 дар сартосари ҷумҳурӣ боз чунин 4-то неругоҳи барқии бодӣ, ки иқтидори умумии он 2400 МВт мебошад, ба кор сар мекунад. Баробари ин, неругоҳи фотоэлектрии офтобӣ, ки иқтидори умумиаш 4000 МВт аст, ба истифода супурда мешавад. Аз ҷумла, дар соли 2023 дар вилоятҳои Навоӣ, Ҷиззах, Самарқанд ва Сурхондарё 4-то неругоҳи қувваташ 1100 МВт, дар соли 2024 дар вилоятҳои Бухоро, Намангон, Хоразм, Қашқадарё ва Фарғони 5-то чунин неругоҳи иқтидори умумиаш 900 МВт ва дар солҳои 2025-2026 дар сартосари ҷумҳурӣ чунин неругоҳҳои фотоэлектрии офтобии қувваташ ҷамъ 1 800 МВт фаъолияти худро оғоз менамоянд.

Рушди намудҳои муқобил ва анъанавии энергетика барои Ўзбекистон роҳи ягонаи дуруст ба ҳисоб меравад. Бидуни ин чорабиниҳо мушкилоте, ки дар соҳа авҷ мегиранд, ҳаллу фасл намегардад. Дар консепсияи таъминот бо энергияи электрии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар солҳои 2020-2030 нишондодҳои мақсадноки зарурӣ, ки бояд дастрас шаванд ва корҳое, ки дар оянда амалӣ гарданд, амиқ нишон дода шудааст. Ин ҳуҷҷати стратегӣ ба суоли дар мамлакатамон норасоии энергия чӣ тавр ҳал мешавад, ҷавоб медиҳад. Дар консепсия то соли 2030 дар генератсияи энергияи электрикии мамлакат ба зиёда аз 11 фоиз баланд бардоштани манбаъҳои энергияи азнав барқароршаванда таҳти назар гирифта шудааст. Аз ин 5 фоиз ба ҳиссаи офтоб, 3 фоиз шамол ва 3,8 фоизи он ба ҳиссаи энергияи об бояд рост ояд. Чунин вазифаҳо зинаба зина амалӣ мешаванд. Роҳбарияти ҳукумат инро дуруст дарк менамояд. Аз ин сабаб, масъалаи истифодаи пурсамар аз манбаъҳои дигари энергияи электрӣ ба миён гузошта шудааст.

Таъкид бояд кард, ки аз неругоҳҳои барқии ҳароратӣ (НБҲ) тамоман даст кашида намешавад. Ҳоло онҳо қариб 90 фоиз генератсияи энергияро таъмин менамоянд. Ба нақша гирифта шудааст, ки то соли 2030 ин нишондод ба 60 фоиз кам карда мешавад. Аммо, ба ин нигоҳ накарда, дар баъзе мавзеҳо НБҲ-ии нав сохта мешаванд. Чунки ба ин зарурият мавҷуд аст. Масалан, соли гузашта, дар водии Фарғона НБҲ-и Тўрақўрғон ба истифода супурда шуд. Дуруст аст, ки дар он барои истеҳсоли энергия ашёи хоми қиматбаҳо — газии табиӣ истифода мешавад. Аммо объекти мазкур мушкилоти соҳибкорон ва мардуми зиёдро осон мегардонад. То солҳои 2016-ум барои аҳолӣ ва соҳибкорон норасоии доимии таъминоти энергия муаммои аввалиндараҷа ба шумор мерафт. Дар ноҳияҳои зиёд дар зимистон қувваи барқ дар як шабонарўз то 4 соат дода мешуд. Тобистони соли 2021 бошад, мушкилоти номбаршуда қариб ки ба забон гирифта нашуд, чунки ҳоло чароғи хонаҳои онҳо мисли пештара 20 соат хомўш намешавад. Яке аз вазифаи устувори сиёсати диверсификатсиякунонии соҳа низ аз ҳамин иборат аст.

Агар бо як сухан ифода намоем, ислоҳоте, ки ҳоло бо ташаббуси Президент дар соҳаи энергетика ба амал татбиқ мешаванд, имконияти таъмини аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ бо қуввати электрӣ, ҷой гирифтан аз қатори давлатҳои абарқудрат, рушди саноат, содир намудани қувваи энергия ба давлатҳои ҳамсояро ба миён меорад.

**Ойбарчин АБДУЛЛОЕВА, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, узви фраксияи ХҲД Ўзбекистон.**

# Саҳми «Promeat agro» дар бозори гўшту шир

***Аз бозе, ки дар Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Promeat agro» дар ноҳияи Янгийўли вилояти Тошканд аз Олмон говҳои зоти «голштейн»-ро оварда, ба парвариш сар кард, дар ин ҷо тасаввурот дар бораи молдориву молпарварӣ тағйир ёфт.***



Ин говҳои бузургҷусса, ки бо мақсади иҷрои барномаи гўшту шир оварда шудаанд, ҳоло ба 1500 сар афзуда, 60 нафарро бо кори доимӣ таъмин намудааст.

Бо вуҷуди ин ки говҳои ин зот дар назар хеле бузург маълум мешавад, ҳар касе аз берун дохили ферма мегардад, водор карда мешавад, ки ба қоидаҳои оддии карантин риоя намояд. Дар ҳар сурат насл насли хориҷӣ ва гаронбаҳо аст.

Сохти ферма ҳам мисли фермаҳои маъмулии маҳаллӣ чор тарафаш девору бомаш паст нест. Атрофи ин молхонаҳо девор надоранд ва фақат барои паҳн шуда нарафтани онҳо атрофаш бо симтўру дигар оҳанчўбҳо иҳота гаштаанд.

Дар ферма гўсолаҳо бинобар синнашон дар ҳар молхона гузошта шудаанд ва ҳатто ҷавонтарини онҳо, ки 1-2-моҳа мебошанд, ҳар яке дар қафасҳои ҷудогона ҷойгир карда шудаанд.

– Рўзе то 8 тонна шир дўшида мешавад, ки ба ҳисоби миёна 12-15 литр аз ҳар сар ва баъзе аз говҳо беш аз 30 литр ҳам шир медиҳанд, – мегўяд роҳбари шуъбаи ветеринария ва рушди чорводории ноҳия Шерзод Йўлдошев.

Аз ҳар сад сар гов то 80-85 гўсола гирифтан барои чорвопарварони ин хоҷагӣ имкон медиҳад, ки сол то сол саршумори ин говҳои зотиро афзуда, дар сарпур намудани ниёзи мардум ба гўшт ва шир саҳм бигиранд.

**Сурат ва матни Т. ХОВАРӢ.**

*Вилояти ТОШКАНД.*

# ТУҲФА БА ПЕШВОЁНИ ҶАВОНОН

***Имрӯз аз ҷониби ҳукумат ва Президент эътибор ба ҷавонон, ки бунёдкорони оянда маҳсуб меёбанд, эътибори махсус дода мешавад. Аз ҷумла, қарори Президент “Дар бораи чорабиниҳои аз нав ташаккул додани механизми кор бо ҷавонон дар маҳаллаҳо” аз 19 январи соли 2022 дар фаъолияти корӣ ва ҳаёти ҷавонон, аз ҷумла пешвои ҷавонони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо нақши муҳим гузошт. Имрӯз дар асоси қарори мазкур дар сартосари кишвар дар ҳар як маҳаллаи кишвар пешвоёни ҷавонон фаъолияти худро пеш мебаранд.***



Ба қарибӣ дар ҳокимияти ноҳияи Бӯка бо ташаббуси ҳокими ноҳия Низомиддин Аббосов ва роҳбари шуъбаи агентии кор бо ҷавонони ноҳия Одил Ҷӯраев ба пешвои ҷавонони 44 маҳаллаи ноҳия барои осон намудани фаъолияти кории онҳо планшетҳо тақдим карда шуд.

– Имрӯз барои пешвои ҷавонон дар асоси қарори Президент барои осон ва босифат анҷом додани супоришҳои мавҷуда планшетҳо тақдим карда шуд, ки барои онҳо аз ҳама чизи муҳим маҳсуб меёбад, – гуфт роҳбари шуъбаи агентии кор бо ҷавонони ноҳияи Бӯка Одил Ҷӯраев. – Пешвои ҷавонон тавассути онҳо рӯйхати ҷавонони аз 16 то 30-сола, “Баланси ҷавонон”-и маҳаллаи худро тартиб медиҳанд. Алҳол се вазифаи асосии пешвои ҷавонон мавҷуд аст, ки онҳо аз ташаккул додани “Баланси ҷавонон”, “Дафтари ҷавонон” ва дар асоси дастури ҷавонон ба нақша даровардани реҷаҳои рӯзона, ҳафтаина ва моҳона иборат аст. Алҳол пешвоёни ҷавонони маҳаллаҳои ноҳия бо ташаккул додани “Баланси ҷавонон” машғул мебошанд, ки аз он маълумот дар бораи шуғл, таълим, ҳолати оилавӣ, иҷтимоӣ, саломатии ҷавонон ҷой гирифтааст.

Бинобар гуфти О.Ҷӯраев дар асоси қарори Президент алҳол барои пешвои ҷавонон дар мактаб ва идораи маҳаллаҳо хонаҳои корӣ ҷудо карда шудааст, ки қисми зиёди онҳо бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин мешаванд.

**М. ҚОДИРЗОДА.**
*Вилояти ТОШКАНД.*

# ВОХӮРӢ ДАР АЙЁМИ НАВБАҲОР

***Дар мактаби таҳсилоти умумии рақами 7-уми ноҳияи Сариосиё маҳфили базми шеър баргузор гардид. Он ба ҳаёт ва эҷодиёти адиби хушбаён, шоири ширинсухан ва рӯзноманигор Асадуллоҳи Исмоилзода бахшида шуд.***

Он рӯзи гарми баҳорӣ саҳни таълимгоҳи мазкур намуди идонаро бо худ дошт. Омӯзгорони собиқадор Иброҳим Абдуллоев, Тоҳир Акбаров, ки даврони пирӣ меронанд, ба дабиристон ташриф оварданд.

*Ҳеҷ шодӣ нест андар*
*ин ҷаҳон.*
*Бартар аз дидори*
*рӯи дӯстон...*

Зимни суханронии худ узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, аъзои Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон, сармуҳаррири маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» Асадуллоҳи Исмоилзода аз ин иқдоми пешгирифтаи таълимгоҳ ва пазироии гарму самимӣ изҳори хушнудӣ намуда, ҳамагонро бо пайки тозаи Наврӯз, ки ба шеъру сухан ҷилои тоза мебахшад, шодбош намуд. Мавсуф ҳамчун дастовез китоби тозанашри достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Алишер Навоӣ ва ҳамчунин зиёда аз 40 номгӯ китобҳои бо забони тоҷикӣ нашршударо ба китобхонаи таълимгоҳ ҳадя кард.

Меҳмонони фахрӣ аз кору пайкор ва фаъолияти эҷодии Асадуллоҳи Исмоилзода қисса намуданд. Рақсу сурудҳои дилнишини таълимгирандагони боғчаи бачагона хотири ҷамъомадагонро шод гардонд. Ҳофизи шинохта Бозор Амонов аз эҷодиёти Асадуллоҳ чанд суруди тозаэҷодро манзури аҳли нишаст гардонд, ки ба маҳфил завқ ва шукӯҳи дигар бахшид.

Дар фароварди маҳфил аз тарафи маъмурияти дабистон ба меҳмонон тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

**Илҳом ХИДИРОВ,**
**омӯзгори мактаби рақами 8-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

# ТЕАТРИ ЛӮХТАКИ ТОҶИКИСТОН МЕҲМОНИ ФАРҒОНАГИҲОСТ

Ҳунарпешаҳои Театри давлатии лӯхтаки Тоҷикистон бо сафари ҳунарӣ ба шаҳри Фарғона омаданд.

Ҳунарпешаҳои ин театр бо даъвати Вазорати фарҳанги Ӯзбекистон ба вилояти Фарғона ташриф овардаанд. Онҳо аз 4 то 15 апрели соли равон дар шаҳрҳои Фарғона, Қӯқанд, Марғелон, инчунин ноҳияҳои Риштон ва Сӯх намоишномаи “Маликаи шӯх”-и Ҳотам Салимовро ба кӯдакону наврасон намоиш хоҳанд дод. Намоишномаҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ тақдим мегарданд.

– Мо аз истиқболи гарму самимии мизбонон хеле сарфарозем. Чунин пазиро барои дар сатҳи баланд ва босамар гузаштани сафари ҳунарии мо хеле мусоидат хоҳад кард, – гуфт раҳбари бадеии



Театри давлатии лӯхтаки Тоҷикистон Наргис Розиқова.

Ёдовар мешавем, ки чанде муқаддам Театри давлатии лӯхтаки вилояти Фарғона бо намоишномаи “Чойхонаи мусиқӣ” дар Тоҷикистон меҳмон буд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# РАМАЗОН – САФИРИ СУЛҲУ ОСОИШ ВА МОҲИ АХЛОҚУ ОДОБИ ҲАМИДА

***Сипос Худовандро, ки шоҳи дувоздаҳ моҳ, моҳи мағфират — Рамазонро низ пешвоз гирифтем. Худои мутаол ин моҳро моҳи некиву тақво номидааст.***

Паёмбарамон Муҳаммад алайҳиссалом низ дар ин моҳ ҳамаро ба фаъол шудан, ҳар як соату рӯзи онро ғанимат донистан даъват намуда, изҳор доштаанд, ки ин моҳ моҳи дилпурсӣ, ба дигарон дасти мадад дароз кардан ва меҳру шафқат мебошад. Аз арҷгузорӣ ба ин моҳ дарҳои дӯзах баста мегардад. Раҳмати Худованд арзонӣ мегардад, имкониятҳои хуб фароҳам оварда мешаванд. Ҳар бандае, ки моҳи Рамазонро бо ибодат гузаронда, аз он оқилона истифода мебарад, ба азоби дӯзах рӯ ба рӯ нахоҳад шуд.

Дар ҳадиси шарифе, ки Салмони Форсӣ розияллоҳу анҳу аз номи ҷаноби Паёмбар алайҳиссалом ривоят кардаанд, гуфта шудааст: «Ай инсонҳо, моҳи бузургу муборак ба шумо наздик мешавад. Ин моҳ шабе дорад беҳтар аз ҳазор шаб. Худои таоло рӯзаи ин моҳро фарз, ибодатҳои шабонаашро суннат гардонд. Ҳар кӣ дар ин моҳ коре нек дар қаробат ҷустан ба Худо анҷом диҳад, дараҷаи як фарзеро пайдо хоҳад кард, ки дар дигар моҳ адо мекунад ва нафари дар ин моҳ як фарзро адонамуда мисли ин аст, ки дар моҳи дигар ҳафтод фарзро адо карда бошад. Ин моҳро моҳи сабр мегӯянд. Ҷавоби сабр биҳишт, моҳи кӯмаку имдод ба дигарон аст. Ин моҳ ба ризқи муъмин меафзояд. Дар ин моҳ ҳар кӣ ба рӯзадоре ифторӣ диҳад, гуноҳҳояш мағфират мешаванд, аз оташи дӯзах худро мераҳонад ва ба аҷре на камтар аз арҷи рӯзадор соҳиб мегардад. Аз аҷри рӯзадор бошад, ҳеч чиз кам намегардад». Расулуллоҳ (с. а. в.) моҳи Рамазонро муштоқона интизорӣ мекашид, наздик омада истодани онро ба дигарон ёдрас мекард ва саҳобагонро бо он табрик менамуд, ба сазовор пешвоз гирифтани он даъват намуда мегуфт: «Моҳи мубораки Рамазон фаро расид. Худованд рӯзаи онро ба шумо фарз кард». Рамазон — сафири сулҳу осоиш ва фурсати ахлоқу одоби ҳамида аст. Дар асл бо касе ҷанҷол кардан, «тую ман» гуфтан хуб нест. Дар моҳи Рамазон аз ин гуна амалҳо батамом дур бояд шуд, ҳатто касе ҳақорату дашном диҳад ҳам, ба ҷуз он, ки ба рӯзадориатон ишора намоед, ҷавоб надиҳед. Рамазон моҳи рӯҳан покшавӣ ва ахлоқан комилшавист. Дар моҳи Рамазон пойи шайтонҳо баста шуда, инсон аз васвасаҳо озод мегардад, ба худтарбиякунӣ имконият фароҳам меояд. Бинобар, ҷазои гуноҳи дар ин моҳ содиркарда сахттар аст. Аз ин рӯ, дар ҳадисҳо гуфта мешавад, ки дар моҳи Рамазон бояд аз бадахлоқию гуноҳсодиркуниҳо шадидан канора ҷуст. Ҳатто Расулуллоҳ (с. а. в.) фармудааст: «Ҳар кӣ аз гуфтору рафтори дурӯғ парҳез накунад, Худо ба рӯзаи ӯ ниёз надорад». Ҳамчунин, савобу аҷри хайру садақаи дар ин моҳ карда бештару бузургтар аст. Биноан, Расулуллоҳ (с. а. в.) назар ба дигар моҳҳо дар моҳи Рамазон бештар хайру садақа мекард. Аз ин рӯ, мусалмонҳо аз қадим ибодати закотро дар моҳи Рамазон адо кардаанд. Ба шахси молаш ба нисоб расида ҳар сол як бор адо кардани яке аз аркони ислом — закот фарз мебошад. Вожаи «закот» дар фарҳанг ба маънои «рушд» ва «покшавӣ», аз моли худ ба камбизоатон хайру садақа кардан аст ва ҳар кӣ закот медиҳад, барака хоҳад ёфт. Одатан миқдори нисоб ҳар сол дар моҳи Рамазон эълон карда мешавад.

Нисоби (миқдор) закот аз ҷониби Идораи мусалмонони Ӯзбекистон барои имсол 34 миллион муайян карда шуд. Аз чил яки ин маблағ, ба тарзи дигар ифода намоем, 2,5 фоизаш ба сифати закот ҷудо карда мешавад. Яъне, агар давлатмандоне, ки имкони закот доданро доранд, дар ин рӯзҳо маблағи закотро ба соҳибони худ — муфлисону камбизоатон пардозанд, савобаш зиёд мегардад. Худованд, тоату ибодат, хайру саховат ва дуоҳои имсолаи моро бипазирад.

**Убайдуллоҳ АБДУЛЛОЕВ.**
**Саримом-хатиби вилояти Фарғона.**
**ЎзА.**

*Кори неку номи нек*

# ДУОИ НАМОЗГУЗОРОН ВОҶИБ АСТ

***Сарвари давлатамон дар ҷамъомади видеоселекторӣ, ки моҳи феврали соли ҷорӣ баргузор гардид, ба масъалаҳои муҳими вобаста ба таъмини бехатарии ҳаракати нақлиёт ва пиёдагардон диққати махсус дода буд.***

Аз сабаби афзудани ҳодисаҳои роҳу нақлиёт дар Самарқанд сардори садорати идораи таъмини бехатарии роҳи корҳои дохилии вилоят аз вазифа сабукдӯш карда шуд.

Имрӯзҳо ходимони соҳа ниҳоят пуркору пурмасъуланд. Онҳо ҳангоми намози ҷумъа дар назди масҷиди ҷомеи Хоҷа Аҳрори Валии ноҳияи Самарқанд, ки мардуми бешумор ҷамъ меоянду мошинҳои худро аксар бе тартиб ҷо мегузоранд, вазифаи хешро пуршарафона иҷро мекунанд.

– Мо аз хидмати шоистаи нозирони роҳ сипосгузорем, – гуфт имом-хатиби масҷиди ҷомеи Хоҷа Аҳрори Валӣ ҳоҷӣ Яъқуб Мансуров. – Намозгузорон ба ҳақи онҳо дуои хайр мекунем.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**



# «ОН КӢ БОШАД БА ВАТАН СОДИҚ МАНАМ!»

***Бо чунин шиор дар мактаби миёнаи рақами 21-уми шаҳри Самарқанд дарси ватанпарварӣ баргузор гардид.***

Хонандагони ба касби пуршарафи ҳарбӣ дилбаста дар либоси сарбозон бо командири худ – сардори мактаби «Ҷасорат»-и назди шуъбаи оид ба мудофиаи ҳокимияти шаҳри Самарқанд, капитан Содиқ Собиров машқҳои низомӣ иҷро карда, исбот намудаанд, ки аллакай бисёр чизҳоро медонанд.

– Шогирдони ман ба муносибати Рӯзи ҳимоягарони Ватан дар назди собиқадорони ҳарбӣ ҳунари истифода аз аслиҳа ва машқҳои худҳимояро дар савияи баланд иҷро карда, ба ситоиши ҳозирон сазовор шуданд, – гуфт Содиқ Собиров, – мо, инчунин дар аксарияти мактаби миёнаи шаҳри Самарқанд низ баромад кардем.

– Ман ният дорам, ки дар оянда ҳимоятгари Ватан шавам, – орзуи дилашро ифшо сохт Далерҷони мактабхон, – чанде пеш дар яке аз қисмҳои ҳарбӣ шуда ба ин касб меҳрам афзуд. Имрӯзҳо ғайр аз таҳсил дар мактаб бо варзиш низ машғул ҳастам.

***Дар акс:*** *толибилмон ҳангоми машқ.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
*вилояти САМАРҚАНД.*

# ДАСТ ДАР ДОМОНИ ҲАЁТ

*(Ҳикоя)*

Баҳори соли 1944. Дар як кулбаи рутубатнок, сари сандалӣ Ойгул бо чор писарчааш менишаст. Кулбаи нӯҳболора девору сақфаш ҳама сип-сиёҳ, боми лойинаш мечакид. Дар ҳар ҷоҳар ҷойи хона дар зери чакраҳо табақҳои чӯбин, яке лабшикаставу дигаре сиёҳизада, гузошта шуда буданд. Дар як гӯшаи хона, наздик ба дари даромад, танӯрчае барои хӯрокпазӣ сохта буданд, ки дар болояш деги як гӯшааш шикаста чаппа мехобид. Дар назар чунин менамуд, ки ин дегу дегдон ба ин наздикиҳо на алаврo дидаасту на равғану пиёзро.

Чакраҳо пасу пеш ба рӯйи табақҳо чакида як оҳанги ҳузнангезеро дар муҳити ороми ин хона эҷод мекард. Чанд рӯз боз борон меборид. Оби борон аз қабати хоку гили сармозадаи бом гузашта, аз байни пушу шохи кӯҳнашуда шорида, ранги худро сиёҳтоб намуда, ба сари як мушт ятими бечора мечакид. Чаккиши бом гӯё бо ин рангу ҳолат гуфтан мехост, ки зиндагӣ ва ҳаёт ҳама вақт мусаффо нест, балки сиёҳӣ ва ғализиҳоро низ бо худ дорад.

Ойгул ба наздикӣ аз шавҳараш, ки дар фронт буд, хати сиёҳ гирифт. Ин зани бевамонда акнун фикри хӯронда пӯшонидани чор сағири худро мекард. Дар хона аз хӯрданӣ чизе намонда буд. Ӯ ҳоло дар баҳри хаёл ғарқ шуда, чашмонашро ба як гӯшаи хона дӯхта, дар ғами зиндагии пешомад обу адо мешуд.

– Ҳа,– гуфт оҳи дардноке кашида худ ба худ, – замон замони вазнин шуд. Ҳар кас танҳо ғами худро дар сар дорад. Ҳама дар пайи бору хари худ аст.

Шир-шири борон ба дилам зад, кай ин ҳаво гиреҳи пешонеша мекушода бошад? – гуфт зан ба берун нигариста, – ҳеч набошад қоқу ё пудина чида барои бачаҳоям меовардам.

Писарчаҳояш ба гуруснагӣ инчиқӣ мекарданд. Бахусус, аз ҳама хурдӣ, ки акнун якунимсола шуда буд. Вақте ки Муҳсин ба аскарӣ даъват шуд, ин тифл ҳанӯз дар батни Ойгул буд. Бо сад орзую умед Дадабой ном монданд, ки мисли падар ғаюру далер ва пуштибони хонадон бошад.

– Оча хӯрдан мехоҳам, ягон чиз диҳед хурам, аз гуруснагӣ мемурам, – як-як нолиш мекарданд писарбачаҳо. – Инту нагӯед, ҳоло рӯзатон дар пеш аст, ин рӯзҳоро аз ёд мебароред, – мегуфт модар писаронашро ором кунониданӣ шуда, – агар хоб кунед, гуруснагиро ҳис намекунед.

Ойгул нағз медонист, ки бо шиками гурусна хоб намебарад, лекин дигар илоҷ набуд. Мегӯянд, ки гуруснагӣ медавонаду лучӣ мешинонад...

Саҳарӣ абрҳо пароканда шуда осмони нилгун намудор шуд. Пас аз фурсате офтоби ҷаҳонтоб ҷамоли нурбори худро намоиш дода, гармиву ҳарорат ба табиат эҳсон намудан гирифт. Ойгул кӯдаки хурдияш дар бағал ва се писари дигар дар пас роҳи деҳаи ҳамсояро пеш гирифт. Дар роҳ қоқуву бехи алафҳоро хӯрда ва бо ҳавои пойи кӯдакон роҳ гашта, наздики нисфирӯзӣ ба деҳаи ҳамсоя расиданд. Дар он ҷо ҳам аҳвол чунин буд. Ятимакон дар ба дар мегаштанду барои шикамашон қути лоямут металабиданд. Ойгул ба чанд хона сар халонид, аз санг садо бaромаду аз онҳо не. Танҳо як зани раҳмдил ҳиммат карда косаи ҷурғоте мурооташон намуд. Косаи ҷурғотро бо навбат кам-кам хӯрда, боз роҳи деҳаи худро пеш гирифтанд.

Бори зиндагӣ ба зан вазнинӣ мекард. Ӯ бемадорона қадам монда, кӯдаки худро гоҳ дар бағал ва гоҳ дар пушт мегирифт. Дар ин замона кас сари қоқи худро таъмин карда наметавонад, боз бар болои ин чор сағир бароям бори гарон шуд, – мегуфт хаёлан Ойгул. Рӯз бегоҳ шуда офтоб ҳам укёнуси нилгуни осмонро сайр карда, акнун барои ғуруб роҳи ғарбро пеш гирифта буд. Торикӣ нафаромада ба деҳа расидан даркор, набошад ба дасти гургҳои гурусна афтиданамон аз эҳтимол дур нест, – ба бачаҳояш мурочиаткунон гуфт модар.

Вақте ки онҳо сари ағба расиданд, шамоли сахт мевазид. Ҳарчанд фасли баҳор бошад ҳам, ин шамол як сардӣ ба нофорамӣ бо худ дошт, ки ба ятимакон нафорид ва сару пойи онҳо ба ларзидан сар карданд. Пеш аз ҳама Дадабойи ном пушти модар буда ба нолиш даромад.

– Хап ист! – асабонӣ шуд модар, ки аллакай фишори зиндагӣ торҳои асаби ӯро таранг ва яъсу ноумедӣ дилашро панҷа мезад.

– Хап гуфтам, набошад аз болои ин харсанг ба поён ҳаво медиҳам, ки туро гургҳо мехӯранд, – гуфт модар кӯдакро тарсониданӣ шуда.

Воқеан ҳам чунин кунам мешавад-ку? Аз як хӯрандаву як дарди сар халос мешавам.

Модар бо қатъият тифлро гирифта рӯйи харсанг баромад. Дар поён ҷарии чуқур сар шуда то сой кашол меёфт. Ӯ бе ҳеҷ як дудилагӣ кӯдакашро аз пушт гирифта барои ба қаъри ҷарӣ ҳаво додан омода шуд. Кӯдак дар сари панҷаи модар аз гиря боз монда, ба дасту позанӣ даромад. Гӯё ӯ аз нияти модар воқиф шуд, ки барои давом додани ҳаёт, барои зинда мондан ҷавлон мезад. Баъзан ғунг-ғунг садо баровварда бо ҳаракати беғубори бачагӣ ҳоло хаёли мурдан надоштани худро ба модараш фаҳмондан мехост. Кӯдак чанд лаҳза дар сари панҷаи модар пойҳояш овезон монд. Дастони модар хастагиро ҳис мекард, он дастоне, ки барои ин тифл ҳаёт бахшид, ӯро аз як порча гӯшт ба шакли одамӣ мубаддал сохт, шустушӯ намуду хушконид, ба гаҳвора баст. Инак, ин лаҳза дастони мӯъҷизаофар мехост тифли бегуноҳро сӯйи ҷарӣ ҳаво диҳад. Қатраҳои ашки модар аз рухсорааш ба рӯйи кӯдак кӯчид. Ҷигараш, мисле ки дар рӯйи оташ монда бошад, ҷаз-ҷаз месӯхт.

Аммо лаънат ба ин ҷанги хонумонсӯз, ки ин қаҳтиву гуруснагиро ба сари мардум овард, бо паю қадами шумаш ин занро аз шавҳар ва тифлаконро аз падар маҳрум сохт. Ойгул худро дар ин лаҳзаҳо гунаҳгор намеҳисобид, балки ба ҷангу ҷангҷӯён лаънат мехонд. Дастони модар монда шуда дигар мадори доштани кӯдакро надоштанд. Барои зинда мондани кӯдак лаҳзаҳои башумор монда буд. Чашмакони шаҳлои ба сӯйи модар дӯхташудаи кӯдак дили ӯро сӯрох кард. Ба ин меҳри шарарбор тоқат наоварда Ойгул чашмонашро сахт пӯшида, кӯдакро аз даст раҳо кард.

Чизе аз гиребонаш гирифта ӯро ҳам ба қаъри ҷарӣ бурдан хост. Дили модар сахт ларзид ва аз тарс чашмонашро бо ду даст аз бари рӯймоли ӯ маҳкам медорад. Меҳри модарӣ ин дафъа ғолиб омад. Ӯ чобукона бо дастонаш кӯдакро ба қафаси синааш пахш карда, худро аз сари харсанг ба зудӣ қафо гирифт.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Ҳунар — чашмаӣ зоянда*

# ҲАЛҚАИ ПАЙВАНД ДАР СИЛСИЛАИ ҲУНАРИ БОБОӢ

Хаттотӣ-хушнависӣ аз ҳунарҳои маъмули халқӣ буда, чун як намунаи муҳими санъат дар ҳаёти мадании халқҳои Шарқ мавқеи ба худ хос дорад. Хаттотӣ, хушнависии аҷдоди мо дар асоси хати арабӣ ташаккул ёфтааст. Ин санъат чун илмҳои дигар қонунҳои махсус, назария ва амалияи худро дошт ва дар низоми таълими асрҳои миёна як навъи маҳсули эҷоди бадеӣ ҳисоб меёфт ва таълим дода мешуд.

Хаттотӣ, бахусус, дар аҳди давлатдории темуриҳо хеле рушду нумӯъ кард. Садҳо нафар хушнависон дар шаҳри Ҳирот ва шаҳрҳои дигари марказӣ гирд омада, бо рӯйнависиву китобати осори илмӣ, таърихӣ ва адабӣ сару кор доштанд. Маҳз бо саъю кӯшиши осори гаронмояи аҷдодонамон то ба имрӯз омада расидааст. Машҳуртарини онҳо хаттоти хушнавис Султоналии Машҳадӣ буд, ки бо санъати волои худ унвони “Султонул-хаттотайн”-ро соҳиб гашта буд.

Хаттотӣ бидуни рӯйнавису китобат кардани дастнависҳо, бо санъати наққошӣ омезиш ёфтааст ва дар ороиши тоқу пештоқи масҷиду мадрасаҳо, гунбазу сутунҳо, девору кунгураҳои кӯшку айвонҳо, мақбараву оромгоҳҳои ашхоси бузург ба назар мерасад, ки ба кас завқу сурур мебахшад. Обидаҳои таърихии мо, ки имрӯз миллионҳо нафар сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб кардаву ба ҳайрат меандозанд, аз соҳиби тамаддуни қадим, санъати беҳамто, фарҳанги беназир будани мардуми ин марзу бум гувоҳӣ медиҳад.

Мақсад аз ин гуфтаниҳо он аст, ки баробари пешрафти илму техника, дастгоҳҳои хатчопкуниву компютерҳо ҳунари хаттотӣ, наққошӣ набояд аз байн равад, баръакс ба насли ҷавони оянда омӯзонда шавад, то ки аз асолати хеш бехабар набошанд, дур нашаванд.

Ин ҷо дар бораи яке аз ҳунармандоне, ки анъанаи неки гузаштагонро бо камоли меҳру муҳаббат идома дода, намунаи беҳтарини ҳунари наққошӣ ва хаттотиро ба дараҷаи санъат бардошта, дар зебу ороиши хонадонҳои шахсӣ, масҷиду обидаҳои таърихӣ ва муассисаҳои расмии гирду атроф ва ҳудуди вилоят корҳои зиёди хайрро ба сомон расондааст, вале аз фарти хоксорӣ худро чандон ошкору намудор намекунад, гуфтание дорем.

Ин марди соҳибҳунар Муҳаммад Ӯрун Бобокалонови хуфарист. Аслан вай дар байни мардум бо номи усто Ӯрунбой маъруф аст. Номи ӯро волидайнаш чун ёдгор, ҷойнишин, бадал ва гарави фарзанди ғӯрамарги худ ниҳода буданд. Бародари бузурги ӯ дар ҷавонӣ ба сабаби бемории вафот карда буд. Солиёни пеш байни мардум чунин одат маъмул буд, ки волидайн фарзанди навтаваллудшудаи худро ба ҷойи ҷигарбанди фавтидааш писар бошад Ӯрун, Гарав, Бадал, духтар бошад Ӯрунбибӣ, Бадалбибӣ ном мегузоштанд.

Аммо Ӯрунбой аз исми худ чандон розӣ набуд, хост табдили ном кунад, аз домуллое маслиҳат пурсид, мулло номи Муҳаммад Ӯрунро муносиб донист.

Вай 4 феврали соли 1969 дар деҳаи кӯҳдомони Кенгузар дар оилаи чорводори сарватманде ба дунё омад. Таҳсили миёнаро ибтидо дар зодгоҳ, сипас дар мактаби рақами 12 идома дод.

Бино ба нақли ӯ, аз кӯдакӣ дар дилаш меҳри мусаввирӣ пайдо шудааст. Овони бачагияш бо ҳамсолони худ ба талу теппаҳои атрофи қишлоқ баромада, рӯйи харсангу тобасангҳо расмҳои ҳайвонот, хонаву дарахтҳоро мекашид. “Дар як ҷойи на он қадар чуқур як навъи лой буд – нақл мекунад ӯ, – лойи оддӣ, табиӣ, лекин ба даст намечаспид, тобиши гуногунранг дошт, мисли пластилине, ки хурдсолон аз вай шакли бозичаҳои ҳархела месозанд.

(Давомаш дар саҳ.4).




**Юнуси ИМОМНАЗАР**

# МАЗАИ ШАРОБ

*(Ҳикоя)*

Шуҳрат намехост кам биёрад. Магар дасташ кӯтаҳ аст ё пулаш кам, ки кам биёрад? Дод, ҳар чӣ дошт – дод!

Ҷӯраҳои майпараст аз ӯ розӣ шуданд, таърифашро то осмони ҳафтум карданд: «Ана, ба ин мегӯянд зиёфат! Хокӣ ёд гирад, ду шиша арақ монду ба лаб кулӯх молида шишт, садқаи одам шавад, хасис!». «Э, Хокира ба забон нагир! Гӯсфанди куштааша ба сар мезанем, шоколодҳои русиаш ба кӣ даркор? Болои ҳам самбусаю кабобу танӯркабоб оварданаш чӣ лозим буд? Худситои бахил! Ана, аз Шуҳрат ёд гирад – шароб, вудкаҳои корикалон... Бах-бах, чӣ конёке дод мардак!».

Бодӣ ҳам хӯрд, дар ин ҷашни таваллуд ҳар чӣ аз анвои машрубот буд, хӯрд! Ҳамроҳи ҷӯраҳои майпараст то охири шаб нишаст. Билохира, вақте ки нисфи ҳамраҳон яклабаю якшунга шуда, мисли хукбачаҳои фуколуд ба хурпуф даромаданд ва нисфи дигар ҳам чун уштуру шутурмурғҳои фартут чорпою дупой худро ба дару девор зада бадар рафтанд, ӯ низ алангу маланг аз пушти онҳо баромада, роҳи хонаашро пеш гирифт...

Кӯчаашро ёфт Бодӣ. Ҳанӯз рӯшании саҳар надамида буд, дар назди дарвоза истод: гӯё ҳама чиз дар гирдаш давр мезад – дару девор, маҳтоби бедор, ҳатто сутуну симчӯбҳои пур аз маҳор. Худро ба дастгирае зад, дар боз шуд. По ба дарун ниҳоду фалаки даввор кард корашро: чун лоша уфтод ба пилаҷо.

Ду-се по зад, даст афшонд, аммо барои хестан мадоре дар ҷонаш намонд. Ба мисли зулук дар рӯйи замини нам хазид, чунон хазид, ки аз зӯрии беҳуда дар эзораш кор кард! Ҳамин дам ба суроғаш саг омад, дар ҳоле ки аз иштимоми ғайриодӣ ҳавои бадро зери бинӣ мебехту аз забон оби даҳан мерехт. Саг эзори ӯро бӯйиду ба маънии «ӯфу-у...» яке сар бардошт ва ҳамоно ба ҷониби сараш по гузошт. Забони меҳр ба сурату даҳони майзада зад, ногоҳ Бодӣ ба худ омад:

– Оҳ, ҷонам, худат яктоӣ дар ин ҷаҳон, бо ин мавҷи бӯсаборон!

Саг забон аз лесидан кашид ва пойи чапи пушташро боло карду ба сурати Бодӣ шоша кард. Бодӣ обу адо шуд, бо хушҳолӣ ин суханро суруд:

*– Ба оби ҷӯ расидан ба ман шуд маҳол,*
*Ту рӯямро бишӯйӣ ба оби ҳалол.*

Саг аз Бодӣ ҳазар карду рафт.

Субҳи козиб пардаҳои худро шикаст, рӯшании саҳар ба олам нишаст. Кадбонуи хона ба одати маъмул аз хоб хесту ҷорӯб гирифт ва барои рӯбучин ба ҳавлӣ баромад ба шаст. Чун ба назди дарвоза омад, марди ҳамсояро дид, ки алағдаю палағда симое дошту олуғда ғур-ғур мекард. Ҳамин ки шинохт, наистода бо ҷорӯб ба сараш тохт:

– Ҳе, беимон, чӣ кор мекунӣ дар ҳавлии бегонагон?!

Бо зарбҳои паёпайи ҷорӯб Бодӣ базӯр сари по хест, ба ҳуш омада дарёфт, ки ҷуз фирор ӯро чорае нест. По ёзониду худро ба дарвоза зад, вале сараш ба оҳани қоб бархӯрду гӯё ҷарақа зад. Пешпо хӯрд, аз дарвоза ба берун уфтоду пешониаш сахт бар замин бархӯрд. Дубора хост баланд шавад, аммо натавонист рост шавад, ночор шуд чаҳорпо равад.

Аз сураташ хун мерехту сахт месӯхт, чаро ки хуну обу шоша бо ҳам меомехт. Ин дафъа дастгираро дуруст ёфт, бо ҳавли ҷон чун шағоли рамида ба ғори худ шитофт...

## Латифаҳо

### Шакари бепул

Ҷавони донишҷӯ аз қаҳвафурӯш пурсид:

– Як истикон қаҳва чанд сӯм аст?

– Панҷ ҳазор сӯм.

– Шакараш чанд сӯм?

– Шакараш бепул.

– Ин хел бошад, аз ҳамон шакараш як кило ба ман диҳед.

### Стипендия намегирад

Донишҷӯ дар имтиҳоне ба саволҳо ҷавоб дода натавонист.

Профессор аз ӯ пурсид:

– Ба фикри шумо, имтиҳон чист?

Донишҷӯ:

– Ин суҳбати ду нафари боақл аст.

Профессор:

– Рафту яке аз онҳо камақл бошад-чӣ?

– Он гоҳ нафари дуюм стипендия намегирад.

### Зани «Сотка»

Як нафар ба дӯсти худ фахр карда гуфт:

– Занам ба телефони «сотка» монанд аст.

– Чӣ хел?

– Ҳамин ки пулам тамом шуд, бо ман гап намезанад.

### Ҷазои Одам

Дар дарси таърихи қадим омӯзгор аз талаба пурсид:

– Аввалин одами рӯйи замин кӣ буд?

Талаба:

– Ҳазрати Одам.

– Худованд ӯро чӣ гуна ҷазо дод?

– Барояш Момо Ҳаворо офарид.

### Кӯдакон нотарсанд

Ду омӯзгор бо ҳам суҳбат доштанд, яке гуфт:

– Айни замон кор кардан душвор гаштааст! Омӯзгор аз директор метарсад, директор аз тафтиш, тафтиш аз волидон, волидон аз кӯдакон, танҳо кӯдакон аз касе наметарсанд.

Таҳияи
**Далер АЗИЗОВ.**

# ДАСТ ДАР ДОМОНИ ҲАЁТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ба сари синааш чанд бор туф-туф гуфта, гӯё тарсу ҳаросро аз худ дур партофт. Онҳо роҳро давом доданд. Ҳамин ки ба деҳа наздик омаданд, офтоб ҳам домани равшани худро ғундошта паси ағбаи баланд менишаст.

Аз қафои онҳо аспсаворе дартоз меомад. Дар баробари ба онҳо наздик шудан, аспи тездави тафсида баногаҳ "пух" карда садо баровард. Аз ин садо Ойгул тарсида худро аз роҳ канор гирифт. Савора низ бо мақсади шинохтани равандагон суръати гашти аспро каме суст кард.

– Э келин, ин туӣ? – ба Ойгул муроҷиат намуд аспсавор.

Ин савора раиси ҷамоа Маҳмуди Оқил буд. Ӯ як марди қадбаланди танумaнд, ситорагарм ва оқилу хирадманд буд. Риши мошу биринҷшуда ва саллаи кабуди сараш ба худаш мезебид. Ойгул шунида буд, ки дар ин солҳои мудҳиш ин мард ба беваю бечораҳо бисёр ёрмандӣ кардааст.

– Аз куҷо меоед? – аспро нигоҳ дошта аз Ойгул пурсид раис.

– Аз қишлоқи ҳамсоя, барои хӯрданӣ рафта будем, – шармида ҷавоб дод Ойгул.

– Озуқа тамом шуд?

Оҳиста барои тасдиқ Ойгул сар ҷунбонид.

– Ҳеҷ гап не, пагоҳ анборчиро мегӯям ба шумоён ягон чиз оварда медиҳад. Канӣ ин шербачаҳоятро ба аспи ман савор кун, – гуфта ба Ойгул амр намуд раис.

Вақте ки Ойгул бо писарчаҳояш ба хона омад, аллакай говгум шуда буд. Ӯ дари хонаро кушода чароғи карасиниро аз токча гирифта гиронд. Шуълаи оташ дар аввал ду-се бор милт-милт намуда, баъд якбора баландтар шуда хонаро равшан кард.

– Ойгул дар хонаӣ? – аз берун садои ҳамсоязан баромад.

– Ҳа, куҷо ҳам мешудам, ҳамсоя, – гуфт базӯр Ойгул овоз баровaрда.

– Каме ҷаву гандум доштем, имрӯз бо дасттоз орд карда гирифтем. Ана, бароятон нони гарм овардам, – гуфт ҳамсоязан ду нони гарми дастсӯзро ба Ойгул дароз карда.

– Раҳмат, ҳамсояҷон, бароямон бисёр некӣ кардед,– гуфт хурсанд шуда Ойгул. Ин некиҳо аз мо нагардад, аз Худо гардад.

– Ҳеҷ гап не, як пора нона бо ҳам мебинем, бачаҳоят калон шаванд, ҳамааш хуб мешавад, – гуфта ҳамсоязан баромада рафт.

Ҳамаи инро Ойгул барои худ як фоли нек ва пешомади хуб дониста, аз нобуд накардани тифли бегуноҳаш, дар азоб намондани ҷисму рӯҳаш хотирҷамъ шуд.

*Ғами рӯзӣ маҳўр, барҳам мазан авроқи дафтарро,*
*Ки пеш аз тифл холиқ пур кунад пистони модарро.*

Саҳарӣ анборчии колхоз як ҷувол гандум оварда, рӯйи ҳавлӣ фаровард.

– Инро раис фармуданд, – гуфт ӯ ва илова намуд:

– Хоҳарам, мо фарзандони дар ҳимояи Ватан қурбоншудагонро хор шудан намемонем, – анборчӣ сари бачаҳоро, ки пасту баланд наздаш рост меистоданд, меҳрубонона сила карду аз ҳавлӣ баромад.

Солҳо яке паси дигар меомаданду мегузаштанд. Чӣ қадар барфу борон аз само ба замин рехта, нақши пойҳоро кӯр кард. Аз ин пас ҳар баҳори навомада барои Ойгул тоза-тоза барору фатҳу нусрат меовард. Ӯ дар колхоз кор карда, барои тифлаконаш ризқи ҳалол пайдо мекард. Фарзандонаш ҳам ба камол расидану дар зиндагӣ дасти ӯро гирифтанд. Акнун ӯ дигар дар саҳро кор намекард, чунки писаронаш соҳиби кор ва пулу мол шуда буданд. Дадабой ҳам мактаби миёнаро хатм карда дар мактаби олӣ таҳсил гирифт. Бо мурури вақт Ойгул яке паси дигар ба хона келин овард. Соҳиби чанд набера шуд. Писаронаш якяк хонаву ҳавливу ҷой карда, баромаданд. Писари хурдӣ – Дадабойи меҳрубони ӯ ҳам соҳиби оила шуд. Ӯ ба модараш он қадар меҳрубон, ки тасвираш оҷиз аст...

Ба туфайли осудагиву равнақи замон Дадабой низ дар андак вақт соҳиби ҳавливу макони обод шуд. Хонаву дари ободи ӯро дида, момои Ойгул хурсанд буд. Аз «бибиҷон» гуфта атрофаш чархзании наберагонаш дилаш чаман-чаман мешукуфт. Вале то вопасин лаҳзаҳои умр манзараи сари он харсангу ҷарии баланд ва он тифли гиребонгири сари дасташ хотири ин занро тарк намекард.

**Илҳом ХИДИРОВ,**
*ноҳияи Сариосиё.*



*Бошандаи ноҳияи Янгиқӯрғони вилояти Наманган – Исмоилҷон Мамаҷонов аз ҳунармандонест, ки анъанаҳои ҳунари амалии халқиро ба таври шоиста идома медиҳад. Ҳунарманд намоишгоҳи шахсиашро таҳти номҳои «Ҷилои қалами сеҳрнок», «Ҷилои ранг дар тасвирҳо» ба алоқамандони ҳунари наққошӣ пешниҳод намудааст. Наққоши касбӣ ба ҷуз ин, ба орои асарҳои саҳнавӣ саҳм мегузорад. Дар айни ҳол наққош ба беш аз 20 нафар ҷавонон асрори ҳунар меомӯзад. И.Мамаҷонов ба каталоги миллии устодони ҳунари амали халқии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дохил шудааст.*

***Дар акс: Исмоилҷон Мамаҷонов.***
***Аксбардор: Ҳ.МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

## Ҳаққи наврӯзӣ бидеҳ...

*Гул намуда ишваҳо гардад ба китфи шах савор,*
*Мекунад сар хам бунафша дар канори чашмасор.*
*Аз шамими лола бӯйи анбари соро шикаст,*
*Атри аттор аз ҳасад лаб мегазад чун дилфигор.*
*Абри найсон мекунад афғон зи ҷабри оташак,*
*Раъд фарёде занад аз барқ бархезад шарор.*
*Чун фалак гиряд бирезад дурри якто бар Замин,*
*Мешавад аз оби раҳмат кишти деҳқон бобарор.*
*Бардамида сабзаҳо, шуд махмалин тарфи чаман,*
*Бо ҷалолу карру фар бар деҳи мо омад баҳор.*
*Лола бо нозу дағо шавқи дилаш пинҳон намуд,*
*Булбули шайдо кунад арза ба гул субҳи наҳор.*
*Ҳон, Наврӯз шуд тарки бадӣ яксар бикун,*
*Ҳаққи наврӯзӣ бидеҳ аз моҳи асмар, эй нигор.*

**Малик КАБИРОВ.**

## Ту мешавӣ

*Дар ҷодаҳои шабзада машъал ту мешавӣ,*
*Сӯйи саҳар даричаи зарҳал ту мешавӣ.*

*Гар лаб ба ханда боз кунӣ, дар маҷаллаҳо*
*Ороиши саҳифаи аввал ту мешавӣ.*

*Гар бигзарӣ зи хотири ҳайкалтарошҳо,*
*Зеботарин намунаи ҳайкал ту мешавӣ.*

*Рӯҳи нигорхонаи наққошҳо туӣ,*
*Наққошии расову мукаммал ту мешавӣ.*

*Гар сар занӣ ба баҳси сиёсатмадорҳо,*
*Бо ҷазби ҳусни хеш роҳи ҳал ту мешавӣ.*

*Толори мӯд гар равӣ, байни ситораҳо*
*Як пора офтоби муҷаллал ту мешавӣ.*

*Кӯтоҳи гап, ниҳояти эъҷозию ҷамол,*
*Ҳар ҷо ба шоҳкор мубаддал ту мешавӣ.*

**Толиби ЛУҚМОН**

***Санҷиши қалам***

## Падар

*Шабчароғи рӯзгорам, эй падар,*
*Сарвару омӯзгорам, эй падар.*
*Меҳри покат то абад поянда бод,*
*Дилпуриву ифтихорам, эй падар*
*Ҳамчу Саъдӣ умри ту тӯлонӣ бод,*
*Файзбахшу файзборам, эй падар.*
*Бар сарам дасти навозиш мениҳӣ,*
*Муттакову посдорам, эй падар.*
*Ҳадя кардам рӯзи мавлудат ба ту,*
*Байтҳои бешуморам, эй падар.*
*Бар насиҳатҳои ту дил моил аст,*
*Пандҳоят дӯст дорам, эй падар.*
*Сарфарозат фахр бо ту мекунад,*
*Шеърсози номдорам, эй падар!*

***Сарфароз СИРОҶИДДИНОВ.***
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ҲАЛҚАИ ПАЙВАНД ДАР СИЛСИЛАИ ҲУНАРИ БОБОӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ману ҷӯраҳоям рӯзҳои дароз ба хоку лой ҷӯлида, суроби ҳар гуна ҳайвоноту ҳайкалҳои одамон ва бозичаҳоро месохтем. Аҷаб кайфияту лаззате дошт он машғулотҳо, ки то ҳол дар хотираам нақш бастааст, – мегӯяд ва илова мекунад. – Дар кӯдакӣ бисёр бемор мешудам, баъзан аз ҳуш мерафтам. Модари бечораам ҷонсарак чор тараф медавид, духтур мебурд, ба домулло дуо мехононд, аз кампиракҳои дастошон эм наҷот меҷуст. Вақти беҳушӣ ман дар як олами афсонавӣ сайр мекардам, дар баландиҳо мепаридам. Осмон софу нилгун, пур аз нақшу нигор, мамлӯъ аз хатҳои тиллоӣ – қуръонӣ ва мунаққаш буд. Ман аз тамошои ин манзараи малакутӣ моту мадҳуш будам. Ба фикрам, меҳру муҳаббате, ки дар дили ман нисбати мусаввирӣ, наққошиву хаттотӣ бедор шудааст, фармудаи илоҳӣ ва лутфу марҳамати Офаридгор буд."

Дарвоқеъ, ба гуфтаҳои ӯ наметавон ҳамроҳ нашуда, зеро дар муҳити хонаводае, ки ӯ таваллуд ёфта, ба вояи расидааст, роҷеъ ба мавҷудияти ин ҳунарҳо тасаввуроте вуҷуд надошт. Як деҳаи хурде, ки байни теппаву теғаҳо зиёда аз ним аср пеш на барқ буду на оинаи нилгун ва на ягон устоди омӯзонандаи ҳунари хушнависиву наққошӣ, агар марҳамати илоҳӣ намебуд, дар дили кӯдаки шаш-ҳафтсола меҳр ба хати ниёгон чӣ гуна ҷой мегирифт?

Зотан, хушнависиву наққошӣ низ мисли шоириву ҳофизӣ дар тинату ҷибиллати инсон ҷой мегирад. Агар ҳофиз овози хушу шоир табъи шоирӣ надошта бошад, ин қобилияту истеъдодро ягон устод ба вай омӯзонида наметавонад. Устоди ин тоифа мардум низ устоди азал аст.

Вай пас аз хатми мактаби миёна ҳуҷҷатҳои худро ба факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон супурд. Аз имтиҳонҳо бомуваффақият гузашта донишҷӯ шуд. Вале дере нагузашта ӯро ба хидмати ҳарбӣ даъват карданд. Баъди адои хидмат таҳсилро дар донишгоҳ давом надод.

Ҳамон дили зебоипараст ӯро ба омӯзишгоҳи ҳунарҳои нафис ва зебо – наққошӣ ва мусаввирӣ раҳнамун сохт. Дертар факултети рассомӣ ва ороиши театрии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзодаро низ хатм намуд. Чанд муддат дар Вазорати маданияти Тоҷикистон кор кард. Дар он солҳои осоишта дар Тоҷикистони дӯст ва бародари мо ба илму ҳунар, адабиёту санъат, ободониву сохтмони шаҳр эътибори ҷиддӣ дода мешуд. Ҷавонони ҳунарманди лаёқатмандро барои такмили касбу ҳунар ба давлатҳои хориҷӣ мефиристоданд. Устои ҳунарманди мо ҳам ба Фаронсаву Олмон, Полшаву Австрия сафар карда, аз нозукиҳои санъати нафис, ороишу дизайн ва шаҳрсозии ин мамлакатҳо малакаи худро такмил додааст.

Душанбе бо шаҳри Клагенфурти Австрия бародаршаҳр буд. Устоҳои тоҷик дар ин шаҳр чойхонаи миллие бо номи "Саодат" бунёд карда буданд. Дар байни ороишгарону наққошон Муҳаммад Ӯрун ҳам қариби ду моҳ дар нақшинкорӣ ва хаттотии он ширкат варзидааст. Байти машҳури Саъдӣ:

*«Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд»*-ро бо хати ниёгон дар пештоқи он хеле хушрӯ хаттотӣ намудааст.

– Чойхонаи "Саодат"-и Клагенфурт аз чойхонаи машҳури ҳамном дар Душанбе монданӣ надорад, – меафзояд мусоҳиби мо.

Дар осорхонаи миллии ба номи Камолиддин Беҳзод се маротиба аз намунаи ҳунарҳои мусаввирӣ ва минётура намоишгоҳи шахсии худро ташкил намудааст. Азбаски забони адабии имрӯзаи форсӣ ва муоширати онро хуб медонист ва хориҷиён ба хусус эрониён ба ҳунари наққошиву хаттотии ӯ таваҷҷуҳи зиёд доштанд, бо ин давлатҳо ба муддати тӯлонӣ шартномаҳо баста буд. Бо баробари аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ нақшаҳои ӯ амалӣ нашуд.

Фаъолияти минбаъдаи ҳунарманд дар зодгоҳаш давом кард. Бо ибораи Саъдии бузургвор "...ҳунарманд ҳар ҷо, ки равад қадр бинад ва садр нишинад". Ҳунари дасти ӯ ҳаводорони зиёдро пайдо кард. Талабу дархост, таклифҳо афзудан гирифт. Фирмаи шахсии худро бо унвони "Беҳзод-Арт-дизайн" дар шакли Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд таъсис дод. Дар ороишу дизайни бинои нави ҳокимияти вилоят, прокуратура, театри драмавии ба номи Маннон Уйғур, мақбараи Имом-ат-Тирмизӣ, "Муз-Сарой", масҷиди вилоятии шаҳри Тирмиз ҳунари беҳамтои худро нишон додааст.

Устои ҳунарманд истеъдоди серпаҳлуи худро бештару беҳтар дар ороишу зеби масҷидҳо, хаттотиву наққошии пештоқу гунбазҳо, сутуну меҳробҳо, девору дар ва айвонҳои ин маскани поки ноҳияҳои вилоят нишон додааст. Аз ҷумла, дар масҷиди машҳури "Мингтӯра"-и ноҳияи Шӯрчӣ.

Муҳаммад Ӯрун ҳам дар қатори ҳунармандони номии вилоят дар ороиши масҷиди нави ҷомеи боҳашамате, ки дар ин атроф назире надорад, дар масҷиди нави "Мингтӯра" ширкат варзидааст. Имрӯзҳо ободтарин гӯша, хушрӯйтарин маскан, тозаву озода ва серодамтарин ҷой масҷидҳои шаҳру деҳот гӯем, хато нахоҳад буд. Дар пардоз додан, рангубор, наққошӣ ва хаттотии масҷидҳои гирду атроф аз худи масҷиди ҷомеи муҳташами зодгоҳи усто – деҳаи Кенгузар сар карда, масҷиди деҳаҳои Нилу, Хонҷиза, Нурободу Гулобод, хоҷагии ҷамоавии собиқ Ӯзбекистон, деҳаи Меҳнати ноҳияи Узун, Ғалабаи ноҳияи Деҳнав, Эсоқӣ ва ҳамагӣ дар 54 масҷид корҳои наққошӣ ва хаттотӣ, рангу борро ба анҷом расондааст.

– Дар масҷиди деҳаи Гулобод дар нӯҳ гунбаз сураи "Фатҳ"-ро хаттотӣ кардам, хеле хушрӯ баромад", – бо мамнунӣ иброз дошт вай. Сураи "Фатҳ" аз 29 оят иборат аст.

Муҳаммад Ӯрун ҷавони хеле хоксор, камгап ва шикастанафсу беозор аст. Дили касеро намеранҷонад, лофу дурӯғро намеписандад, тақводору худотарс аст.

Муҳаммад Ӯрун дар ҳунари мусаввирӣ табъи худодод дорад. Дар офаридани манзара, мусавварaҳои сюжетдор, тасвири қаҳрамонҳои афсонаҳои халқӣ, офаридани образҳои мултфилмҳои бачагона хеле моҳир аст. Барои ороишу зеби кӯдакистону дигар масканҳои хурдсолон манзараҳои дилкаши табиат: осмони беғубору абрҳои сафед, гулзору марғзор, дарёву наҳрҳо, ҳайвоноту паррандаҳои гуногун, шабпаракҳои паррону кӯдакони хандон бисёр табиӣ тасвир ёфтааст.

Бинанда аз ҳусну рангорангии гулҳо, таровати гулчанбарҳо, нафисӣ ва нозукии пардаву овезаҳо, манзараҳои нотакрори диловез офаридаи ӯ лаззат мебарад ва лаҳзае худро дар як олами афсонавии мӯъҷизаосо тасаввур менамояд. Ҳамаи ин аз диди баланд, табъи нозук ва дили зебоипарасти ҳунарманд далолат медиҳад.

Муҳаммад Ӯрун дар зиндагии шахсӣ ҳам намунаи ибрат аст. Рӯзгори тинҷу осоишта, ҳамсари солеҳаву оқила насибаш гаштааст, дар оила муҳити орому ҳамдигарфаҳмии тарафайн ҳукмфармост.

Соҳиби шаш фарзанд, ду писару чор духтар аст. Духтари калониро бо обрӯву номи нек ба хонаи шавҳар гусел кард. Бобои чор набераи дӯстрӯст. Духтари дуюм ҳам номзад ба арӯсӣ аст, алҳол дар факултети дизайни либосҳои Донишкадаи техникии Ёҷони Корея таҳсил мекунад. Духтари калонӣ низ дар баробари оиладориву тарбияи фарзандон донишҷӯйи факултети филологияи англисии Донишкадаи забонҳои ҷаҳонии Тошканд мебошад. Фарзандони дигар, ғайр аз Имрони панҷсола, дар мактаби миёна таҳсил доранд. Вай ба соҳиби маълумот, касбу ҳунар шудани фарзандонаш эътибори ҷиддӣ дода, барои фароҳам овардани шароиту имконият ба онҳо мекӯшад.



**Иноят ҶӮРАЕВА,**
**ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 4864 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.